**Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди**
**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# ТАРТИБИ ТАЪИН ВА ПАРДОХТИ НАФАҚАҲОИ СУҒУРТАВӢ ВА ДАВЛАТӢ

Душанбе-2016

Дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 8 июни соли 2016 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст.
Рақами бақайдгирӣ 820.

# АГЕНТИИ СУҒУРТАИ ИҶТИМОӢ ВА НАФАҚАИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ФАРМОИШ

аз 5 феврали соли 2016, №11 ш. Душанбе

Дар бораи тартиби таъин ва пардохти нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ

Мутобиқи моддаи 40 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ», банди 47 Тартиби муроҷиат барои таъини нафақа ва пешбурди ҳуҷҷатҳои нафақавӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 марти соли 2013, №90 тасдиқ гардидааст ва бо мақсади муайян намудани тартиби таъин ва пардохти нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ фармоиш медиҳам:

1. Тартиби таъин ва пардохти нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ тасдиқ карда шавад (Замимаи 1).

2. Номгӯи ҳуҷҷатҳое, ки барои таъин, бозҳисобӣ ё аз як намуд ба намуди дигар гузаронидани нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ пешниҳод карда мешаванд, тасдиқ карда шавад (Замимаи 2).

3. Шаклҳои бланкҳои коргузорӣ барои таъин, бозҳисобӣ ва аз як намуди нафақа ба намуди дигари он гузаронидан тасдиқ карда шаванд (Шакли №№1-17).

4. Раёсату шуъбаҳои Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ таъини нафақаҳои давлатиро (иҷтимоиро) дар асоси шарт ва меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» аз рӯи тартиби пешбининамудаи Фармоиши мазкур амалӣ намоянд.

5. Фармоиши мазкур дар қисмати таъин, бозҳисобӣ, аз як намуд ба намуди дигар гузаронидан ва дигар масъалаҳои вобаста ба таъину пардохти нафақаҳои суғуртавӣ то 1 октябри соли 2016 ба таври таҷрибавӣ дар ноҳияи Вахши вилояти Хатлон ва ноҳияи

Ҳисор ва дар дигар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ бошад, пурра аз 1 октябри соли 2016 аз ҷониби раёсату (шуъбаҳои) Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳрҳо (ноҳияҳо) амалӣ карда шавад.

6. То 1 октябри соли 2016:

- таъин, бозҳисобӣ, аз як намуд ба намуди дигар гузаронидан ва дигар масъалаҳои вобаста ба таъину пардохти нафақаҳои суғуртавӣ дар дигар шаҳру ноҳияҳо то 1 октябри соли 2016 дар асоси тартиби пешбининамудаи Фармоиши мазкур аз ҷониби марказҳои минтақавии баҳисобгирии инфиродӣ амалӣ карда шавад;

- аризаҳои шаҳрвандон барои таъин, бозҳисобӣ, аз як намуд ба намуди дигар гузаронидан ва дигар масъалаҳои вобаста ба таъину пардохти нафақаҳои суғуртавӣ дар ин шаҳру ноҳияҳо аз ҷониби раёсату (шуъбаҳои) Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳрҳо (ноҳияҳо) аз рӯи шаклҳои бо Фармоиши мазкур (Шаклҳои №№1-8) тасдиқгардида, қабул карда шуда, ба марказҳои минтақавии баҳисобгирии инфиродӣ пешниҳод карда шаванд;

- барои ҳисоб, таъин, бозҳисобӣ, аз як намуд ба намуди дигар гузаронидан, инчунин рад намудани таъину бозҳисобӣ ва ба дигар намуд гузаронидани нафақаҳои суғуртавӣ аз ҷониби марказҳои минтақавии баҳисобгирии инфиродӣ дар давраи то 1 октябри соли 2016 шаклҳои бланкҳо тасдиқ карда шаванд (Шаклҳои №№1М-6М);

- марказҳои минтақавии баҳисобгирии инфиродӣ инчунин шаклҳои китобҳо ва дигар бланкҳои коргузорӣ, ки бо Фармоиши Директори Агентии давлатии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 ноябри соли 2013, №140-А «Оид ба тасдиқи Дастурамал дар бораи тартиби ташкили таъйин ва бозҳисобии нафақаҳои суғуртавӣ ва пардохти он» тасдиқ гардидаанд ва дар ҷараёни таъину пардохти нафақаҳои суғуртавӣ зарур мебошанд, истифода намоянд;

- муовинони Директори Агентӣ ва сардорони раёсатҳои дахлдори дастгоҳи марказӣ барои омода намудани раёсатҳои (шуъбаҳои) Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар дигар шаҳрҳо (ноҳияҳо) ҷиҳати таъини нафақаҳои суғуртавӣ тадбирҳои мушаххас андешанд;

- муовинони Директори Агентӣ, сардорони раёсатҳои таъмини сиёсати суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, баҳисобгирии инфиродӣ, аудити дохилӣ ва назорати молиявӣ ва назорати таъину пардохти нафақа ва андӯхтҳои нафақавӣ ва Шуъбаи ҳуқуқ барои муайян намудани вазифа ва ваколатҳои марказҳои минтақавии баҳисобгирии инфиродӣ ва сохтори таркибии онҳо лоиҳаи санади дахлдорро таҳия ва пешниҳод намоянд.

7. Муовинони Директори Агентӣ, сардорони раёсатҳои таъмини сиёсати суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, назорати таъину пардохти

нафақа ва андӯхтҳои нафақавӣ, аудити дохилӣ ва назорати молиявӣ, буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа ва ҳисоббарии актуарӣ, кадрҳо ва корҳои махсус, технологияҳои иттилоотӣ ва Шуъбаи ҳуқуқ то 1 июли соли 2016 татбиқи муқаррароти Фармоиши мазкурро дар ноҳияҳои таҷрибавӣ ҳамаҷониба таҳлил намуда, барои пурра дар дигар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ аз ҷониби раёсату (шуъбаҳои) Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳрҳо (ноҳияҳо) амалӣ кардани таъини нафақаҳои суғуртавӣ ҷиҳати бартараф намудани номукаммалиҳое, ки дар ҷараёни татбиқ рӯи кор омадаанд, таклифу пешниҳодҳо манзур намоянд.

8. Муовинони Директори Агентӣ, сардорони раёсатҳои буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳисоббарии актуарӣ, молия ва ҳисобдории марказонидашуда, кадрҳо ва корҳои махсус ва Шуъбаи ҳуқуқ дар ҳамкорӣ бо раёсату шуъбаҳои Агентӣ дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо ва марказҳои минтақавии баҳисобгирии инфиродӣ барои амалӣ намудани ислоҳоти сохторӣ то 1 июли соли 2016 пешниҳоди мушаххас манзур намоянд.

9. Муовинони Директори Агентӣ, Раёсати таъмини сиёсати суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа ва Шуъбаи ҳуқуқ Фармоиши мазкурро тибқи тартиби муқарраргардида ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бақайдгирии давлатӣ пешниҳод намоянд.

10. Муовинони Директори Агентӣ иҷрои муқаррароти Фармоиши мазкурро аз ҷониби воҳидҳои сохторие, ки сарпарастиашонро ба зимма доранд, таъмин намоянд.

11. Фармоиши Директори Агентии давлатии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 августи соли 2013, №99 аз 1 сентябри соли 2015 аз эътибор соқит дониста шавад.

12. Фармоиши Директори Агентии давлатии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 ноябри соли 2013, №140-А «Оид ба тасдиқи Дастурамал дар бораи тартиби ташкили таъйин ва бозҳисобии нафақаҳои суғуртавӣ ва пардохти он» то 1 октябри соли 2016 танҳо дар қисмати шаклҳои китобҳо ва бланкҳои коргузорӣ, ки дар ҷараёни таъину пардохти нафақаҳои суғуртавӣ барои марказҳои минтақавии баҳисобгирии инфиродӣ зарур мебошанд, амал карда, аз 1 октябри соли 2016 пурра аз эътибор соқит дониста шавад.

13. Фармоиши мазкур аз 1 сентябри соли 2015 мавриди амал қарор дода шавад.

14. Назорати иҷрои Фармоиши мазкурро ба зиммаи худам мегузорам.

Директор С. Наҷмудинов

Замимаи 1
Бо Фармоиши Директори Агентии
суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 5 феврали соли 2016, №11
тасдиқ гардидааст

# ТАРТИБИ
# ТАЪИН ВА ПАРДОХТИ НАФАҚАҲОИ СУҒУРТАВӢ ВА ДАВЛАТӢ

## ФАСЛИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Тартиби мазкур мутобиқи моддаи 40 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» таҳия гардида, тартиби ташкили таъин ва пардохти нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатиро бо назардошти тағйиру иловаҳои воридгардида мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 марти соли 2015, №1200 «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» аз 1 сентябри соли 2015 муайян менамояд.

2. Ҳисоб намудани андоза, таъин, бозҳисобӣ ва аз як намуд ба намуди дигар гузаронидани нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ (иҷтимоӣ) ва пешбурди ҳуҷҷатҳои нафақавӣ аз ҷониби раёсату шуъбаҳои Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳру ноҳияҳои ҷойи истиқомати шахси барои таъин, бозҳисобӣ ва аз як намуд ба намуди дигар гузаронидани нафақаҳои суғуртавӣ ва иҷтимоӣ муроҷиаткунанда амалӣ карда мешавад.

3. Барои таъин, бозҳисобӣ ва аз як намуд ба намуди дигар гузаронидани нафақаҳои суғуртавӣ ва иҷтимоӣ аз ҷониби раёсати (шуъбаи) Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри (ноҳияи) ҷойи истиқомати шаҳрванд дар мӯҳлати на дертар аз 30 рӯзи пас аз қабули ариза қарори дахлдор қабул карда мешавад.

4. Барои рад гардидани таъин, бозҳисобӣ ва аз як намуд ба намуди дигар гузаронидани нафақаҳои суғуртавӣ ва иҷтимоӣ аз ҷониби раёсати (шуъбаи) Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри (ноҳияи) ҷойи истиқомати шаҳрванд дар мӯҳлати на дертар аз 10 рӯз қарори дахлдор ба расмият даровaрда шуда, ба муроҷиаткунанда ирсол карда мешавад.

5. Дар қарор оид ба таъин, бозҳисобӣ ва аз як намуд ба намуди дигар гузаронидани нафақаҳои суғуртавӣ ва иҷтимоӣ, инчунин қарор дар бораи рад гардидани таъин, бозҳисобӣ ва аз як намуд ба намуди дигар гузаронидани онҳо мутахассисе, ки ҳисобро анҷом додааст, сардори шуъбаи (бахши) таъиноти нафақа ва сардори раёсати (шуъбаи) Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳр (ноҳия) имзо мегузоранд ва барои дурустии он масъулият доранд.

6. Муроҷиат барои таъин, бозҳисобӣ ва аз як намуди нафақа ба намуди дигар гузаронидани нафақаҳои суғуртавӣ ва иҷтимоӣ ва пешбурди ҳуҷҷатҳои нафақавӣ ва баррасии аризаҳо оид ба таъин, бозҳисобӣ ва аз як намуди нафақа ба намуди дигари он гузаронидан ба раёсати (шуъбаи) Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри (ноҳияи) ҷойи истиқомати шахси муроҷиаткунанда бо тартиби муқаррарнамудаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 марти соли 2013, №90 «Дар бораи Тартиби муроҷиат барои таъини нафақа ва пешбурди ҳуҷҷатҳои нафақавӣ» сурат мегирад.

7. Андозаи қисми суғуртавии нафақаҳои суғуртавӣ (аз рӯи синну сол, аз рӯи маъюбӣ, аз рӯи маҳрум шудан аз саробон), ки аз рӯи меъёрҳои камтарини дар моддаҳои 22, 25 ва 26 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» пешбинишуда ҳисоб карда шудаанд, инчунин нафақаҳои иҷтимоӣ (аз рӯи синну сол, аз рӯи маъюбӣ, аз рӯи махрум шудан аз саробон) ба истиқоматкунандагони шаҳру ноҳияҳои ВМКБ, шаҳрҳои Роғун ва Норак, ки ба музди меҳнаташон тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон коэффитсиенти ноҳиявӣ муқаррар гардидааст, дар тамоми давраи зиндагӣ дар ин шаҳру ноҳияҳо бо истифодаи коэффитсиенти

ноҳиявии муқарраршуда ҳисоб, таъин ва пардохт карда мешавад.

8. Андозаи қисми суғуртавии нафақаҳои суғуртавие (аз рӯи синну сол, аз рӯи маъюбӣ, аз рӯи маҳрум шудан аз саробон) аз рӯи меъёрҳои камтарин ва нафақаҳои иҷтимоие, ки бо истифодаи коэффитсиенти ноҳиявӣ ҳисоб ва таъин карда шудаанд, ҳангоми ба дигар шаҳр (ноҳия) кӯч бастани нафақагир, ки дар он ҷо нисбати музди меҳнат коэффитсиенти ноҳиявии баландтар ё пасттар муқаррар шудааст, бо назардошти коэффитсиенти ноҳиявии ҷойи истиқомати нав аз сари нав ҳисоб ва таъин карда мешавад. Дар сурате, ки дар ҷойи истиқомати нави нафақагир нисбати музди меҳнат коэффитсиенти ноҳиявӣ муқаррар нагардида бошад, андозаи қисми суғуртавии нафақаҳои суғуртавӣ ва нафақаҳои иҷтимоӣ аз нав бе назардошти коэффитсиенти ноҳиявӣ ҳисоб ва таъин карда мешавад.

9. Ба шахсоне, ки дар як вақт ҳуқуқи гирифтани якчанд намуди нафақаи суғуртавӣ ва иҷтимоиро доранд ё дар як вақт ҳуқуқи гирифтани нафақаи иҷтимоӣ ва ҳам нафақаи суғуртавиро доранд, аз рӯи интихобашон як намуди нафақа таъин карда мешавад.

## ФАСЛИ 2. НАФАҚАҲОИ СУҒУРТАВӢ

### §1. ТАРТИБИ ҲИСОБ ВА МУАЙЯН НАМУДАНИ СОБИҚАИ СУҒУРТАВӢ

10. Ба собиқаи суғуртавие, ки ба нафақаи суғуртавӣ ҳуқуқ медиҳад, давраҳои фаъолияти меҳнатӣ, ки дар асоси онҳо конвертатсияи ҳуқуқҳои нафақавии то 1 январи соли 1999 бадастовардашудаи шахси суғурташуда гузаронида шудааст, инчунин давраҳои фаъолияти меҳнатии пас аз 1 январи соли 1999, ки барои онҳо дар низоми суғуртаи ҳатмии нафақавӣ саҳмҳои суғуртавӣ пардохт карда шудаанд, дохил карда мешавад.

11. Собиқаи кории то 1 январи соли 1999, ки мувофиқи моддаи 58 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» муҷиби конвертатсиякунонӣ (бадалкунӣ) ба сармояи шартии нафақавӣ мебошанд, бо тартиби муқаррарнамудаи

Қоидаҳои конвертатсияи (бадалкунии) ҳуқуқҳои нафақавии шахсони суғурташуда ба сармояи шартии нафақавӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 августи соли 2015, №551 тасдиқ шудаанд, ҳисоб карда мешавад.

12. Собиқаи кории мансуб ба давраи то 1 январи соли 1999 ба собиқаи суғуртавӣ ба шарте дохил карда мешавад, ки агар он ҳангоми гузаронидани конвертатсияи ҳуқуқҳои нафақавии шахсони суғурташуда ба сармояи шартии нафақавӣ, ки дар давраи то 1 январи соли 1999 ба даст оварда шудаанд, ба ҳисоб гирифта шуда бошад.

13. Собиқаи кории то 1 январи соли 1999, ки барои он дар натиҷаи бо пул арзёбӣ гардиданаш сармояи шартии нафақавӣ гузаронида шудааст, ҳангоми муайян намудани ҳуқуқ ба нафақаи суғуртавӣ ҳамчун собиқаи суғуртавӣ ҳисоб карда мешавад.

14. Ба собиқаи суғуртавӣ давраи фаъолияти меҳнатӣ аз 1 январи соли 1999 то 31 декабри соли 2012, ки дар дафтарчаи меҳнатии шахси суғурташуда сабт нашудаанд, вале барои ин давраҳо аз музди меҳнат ё даромади ӯ саҳмҳои суғуртавӣ пардохт карда шудааст ва далели пардохт гардидани саҳмҳои суғуртавӣ тибқи ҳуҷҷатҳои молиявии дахлдор тасдиқ шудаанд, дохил карда мешаванд.

15. Дар чунин ҳолат, далели фаъолияти меҳнатӣ бояд бо маълумотномаи муассисаҳои бойгонӣ ва қарордод ё шартномаҳои меҳнатӣ, ки бо тартиби муқарраргардида ба расмият дароварда шудаанд, тасдиқ карда шавад. Агар маълумотҳои зикршудаи шахси суғурташуда дар маркази минтақавии баҳисобгирии инфиродии дахлдор мавҷуд набошад, раёсати (шуъбаи) Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳр (ноҳия) вазифадор аст, ки онҳоро барои ворид намудан ба суратҳисоби инфиродии шахси суғурташуда ба маркази минтақавии баҳисобгирии инфиродии дахлдор пешниҳод намояд.

16. Ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи пардохти саҳмҳои суғуртавӣ маълумоти маркази минтақавии баҳисобгирии инфиродии минтақаи ҷойи фаъолияти шахси суғурташуда дар бораи ба суратҳисоби инфиродии шахси суғурташуда дохил шудани сармояи шартии нафақавӣ ба ҳисоб меравад, ки дар асоси дархости раёсати (шуъбаи) Агентии суғуртаи

иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳр (ноҳияе), ки шахси суғурташуда барои таъини нафақа муроҷиат намудааст, пешниҳод карда мешавад.

17. Собиқаи меҳнатӣ ва суғуртавӣ то 1 январи соли 2013 дар асоси дафтарчаи меҳнатӣ муайян карда мешавад. Дар ҳолати гум кардани дафтарчаи меҳнатӣ собиқаи корӣ бо дигар ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи фаъолияти меҳнатӣ, ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият дароварда шудаанд, тасдиқ карда мешавад. Дар ин маврид низ, далели пардохти саҳмҳои суғуртавӣ бояд аз ҷониби маркази минтақавии баҳисобгирии инфиродии минтақаи ҷойи фаъолияти шахси суғурташуда тасдиқ карда шавад.

18. Собиқаи суғуртавӣ пас аз 1 январи соли 2013 дар асоси маълумоти маркази минтақавии баҳисобгирии инфиродӣ дар бораи тасдиқи пардохти саҳмҳои суғуртавӣ дар низоми суғуртаи ҳатмии нафақавӣ муайян карда мешавад.

19. Ба собиқаи суғуртавӣ ҳангоми таъини нафақаҳои суғуртавӣ дар баробари давраи корӣ ё фаъолияте, ки дар тӯли он мувофиқи тартиби муқарраргардидаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳмҳои суғуртавӣ пардохт шудаанд, инчунин давраҳои зерини фаъолият, ки дар давоми он саҳмҳои суғуртавӣ пардохт карда нашудаанд ва ба давраи пас аз 1 январи соли 1999 рост меоянд, аз рӯи шартҳои зерин дохил карда мешаванд:

- давраи гузаштани хизмат дар сафҳои Қувваҳои Мусаллаҳ ва хизмати дигари ба он баробаркардашуда тибқи даъват – новобаста аз он ки пеш аз ин давра шахс собиқаи суғуртавӣ дорад ё надорад;

- давраи таҳсил дар шуъбаи рӯзонаи муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи махсус - дар мавриди мавҷуд будани собиқаи меҳнатӣ (суғуртавӣ) на камтар аз панҷ соли баъди анҷоми таҳсил;

- таҳсил бе ҷудошавӣ аз истеҳсолот дар курсҳои такмили ихтисос, бозомӯзии мутахассисон, ординатура, аспирантура ва докторантура;

- давраи гирифтани кӯмакпулӣ аз рӯи бекорӣ, аммо на бештар аз 24 моҳ дар тамоми давраи фаъолияти меҳнатӣ;

- давраи фарзандони хурдсолро нигоҳубин кардани падар ё модаре, ки муваққатан кор намекунанд, аммо то ба синни 3 расидани ҳар як кӯдак, вале дар маҷмӯъ на бештар аз 60 моҳ – танҳо дар сурате, ки чунин давраҳо дар дохили фаъолияти меҳнатӣ (яъне, дар рухсатии нигоҳубини кӯдак қарор доштан, аз ҷумла рухсатии нигоҳубини кӯдак то синни якунимсолагӣ ва инчунин рухсатии иловагии бемузди нигоҳубини кӯдак то синни сесолагӣ) бошанд;

- давраи дар маҳбас будани шахсоне, ки беасос ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шудаанд, беасос таъқиб гардидаанд ва баъдан сафед карда шудаанд – дар сурате, ки шахс пеш аз чунин давра собиқаи суғуртавӣ дошта бошад.

20. Давомнокии давраи бе пардохти саҳмҳои суғуртавии ба собиқаи суғуртавӣ дохилшуда дар маҷмӯъ набояд аз 60 моҳ зиёд бошад.

21. Шумораи моҳҳои собиқаи суғуртавии шахси суғурташуда бо тартиби зерин ҳисоб карда мешаванд:

а) шумораи моҳҳои собиқаи корӣ, ки ба давраи то 1 январи соли 1999 рост меоянд, бо тартиби муқаррарнамудаи Қоидаҳои конвертатсияи (бадалкунии) ҳуқуқҳои нафақавии шахсони суғурташуда ба сармояи шартии нафақавӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 августи соли 2015, №551 тасдиқ шудаанд, алоҳида ҳисоб ва муайян карда мешаванд;

б) собиқаи суғуртавии пас аз 1 январи соли 1999 мувофиқи талаботи қисми 2 моддаи 17 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» аз рӯи моҳи пурра ҳисоб карда мешаванд. Зимнан моҳҳои нопурраи собиқаи суғуртавӣ дар алоҳидагӣ аз рӯи принсипи ҷамъшавӣ ҳисоб карда шуда, ҳар 30 рӯзи он ҳамчун моҳи пурраи собиқаи суғуртавӣ ба инобат гирифта мешавад.

в) шумораи моҳҳои собиқаи суғуртавӣ, ки бо тартиби дар бандҳои а) ва б) пешбинишуда муайян карда шуданд, бо ҳам ҷамъ карда шуда, собиқаи умумии суғуртавии шахси муроҷиаткунанда ба ҳолати рӯзи муроҷиат барои таъини нафақа ҳосил карда мешавад.

22. Раёсати (шуъбаи) Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳр (ноҳия) ҳуқуқ дорад, ки барои тасдиқи фаъолияти меҳнатии шахси суғурташуда, ки барои таъини нафақа муроҷиат

намудааст ё дигар ҳолатҳое, ки барои таъини нафақа асос мешаванд ва таъсир мерасонанд, ба корхонаву ташкилотҳо новобаста аз шакли моликият, муассисаҳои бойгонӣ, инчунин шахсони воқеӣ, ки субъекти фаъолияти соҳибкорӣ мебошанд, дархост фиристонад ва ҳамчунин саҳеҳияти ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи онҳоро мавриди санҷиш қарор диҳад.

## §2. ТАРТИБИ ДАСТРАСИИ МАЪЛУМОТҲО БАРОИ ҲИСОБ ВА ТАЪИНИ НАФАҚАҲОИ СУҒУРТАВӢ

23. Мутахассиси масъули шуъбаи (бахши) таъиноти нафақаи раёсати (шуъбаи) Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳр (ноҳия), ки ариза ва ҳуҷҷатҳои барои таъини нафақаҳои суғуртавӣ пешниҳодшударо бо супориши сардори раёсат (шуъба) ва дастхати сардори шуъбаи (бахши) таъиноти нафақа ҷиҳати баррасӣ ва ҳисобу таъини нафақа қабул менамояд, вазифадор аст, ки дар мӯҳлати 3 рӯзи корӣ корҳои зеринро анҷом диҳад;

- дурустии ба расмият даровroutarda шудани ҳуҷҷатҳои пешниҳодшударо месанҷад;
- дар ҳолатҳои зарурӣ барои тасдиқи фаъолияти меҳнатӣ ва дигар ҳолатҳое, ки дар таъиноти нафақа таъсир мерасонанд, ба корхонаву ташкилотҳои дахлдор дархост омода менамояд;
- барои пешниҳод намудани маълумот дар бораи музди меҳнат ва даромади шахси суғурташудаи муроҷиаткунанда ва андозаи маблағҳои андӯхти нафақавии ӯ, ки дар суратҳисоби инфиродиаш пас аз 1 январи соли 1999 инъикос гардидаанд, ба маркази минтақавии баҳисобгирии инфиродии минтақаи ҷойи фаъолияти шахси суғурташуда аз рӯи шакли муқарраршуда дархост омода менамояд.

24. Марказҳои минтақавии баҳисобгирии инфиродӣ дар мӯҳлати на дертар аз 10 рӯз пас аз қабули чунин дархост аз ҷониби раёсатҳои (шуъбаҳои) Агентии суғуртаи иҷтимоии ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳрҳо (ноҳияҳо) маълумотро дар бораи баҳисобгирии инфиродӣ

дар низоми суғуртаи ҳатмии нафақавӣ ва рақами мушаххаси суғуртавии шахси суғурташударо муқоиса намуда, дар бораи музди меҳнат ва даромаде, ки аз он дар низоми суғуртаи ҳатмии нафақавӣ саҳмҳои суғуртавӣ пардохт карда шудаанд, омода ва расман ирсол менамояд. Дар маълумот давраи пардохти саҳмҳои суғуртавӣ ва музди меҳнати ҳармоҳаи шахси суғурташуда, ки аз он саҳмҳои суғуртавӣ пардохт карда шудааст, нишон дода мешавад.

25. Ҳамчунин дар маълумот маблағи умумии андӯхтҳои нафақавии шахси суғурташуда, ки бо назардошти индексатсия аз рӯи даромад аз ҳисоби сармоягузории онҳо ба ҳолати рӯзи муроҷиат муайян карда шудааст, инъикос карда мешавад.

26. Агар дар маълумотҳое, ки дар марказҳои минтақавии баҳисобгирии инфиродӣ нигоҳ дошта мешаванд, нисбати маълумотҳо дар бораи фаъолияти шахси суғурташуда номувофиқатӣ ошкор карда шавад ё ин ки маълумот дар бораи музди меҳнати ин давраҳо мавҷуд набошад ё маълумоти саҳеҳ дар бораи аз ин музди меҳнат ё даромад пардохт гардидани саҳмҳои суғуртавӣ мавҷуд набошад, марказҳои минтақавии баҳисобгирии инфиродӣ вазифадоранд, ки дар мӯҳлати на зиёда аз 10 рӯзи корӣ ба раёсатҳои (шуъбаҳои) Агентии суғуртаи иҷтимоии ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳрҳо (ноҳияҳо) дархост ирсол карда, хоҳиш менамояд, ки далели пардохти саҳмҳои суғуртавиро мавриди санҷиш қарор диҳанд, аз корфармо ҳуҷҷатҳои аввалияеро, ки ин далелро тасдиқ мекунанд, талаб намоянд ва андозаи музди меҳнат ва даромадро барои давраҳои дахлдор тасдиқ намоянд ё мавҷудияти онро рад намуда, дар ин хусус санади муқоисавӣ тартиб диҳанд. Бо мақсади мукаммал намудани маҳзани иттилоотии шахсони суғурташуда, ҳуҷҷатҳои аз ҷониби раёсатҳои (шуъбаҳои) Агентии суғуртаи иҷтимоии ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳрҳо (ноҳияҳо) дар чунин ҳолатҳо дастрасшуда, ба марказҳои минтақавии баҳисобгирии инфиродӣ пешниҳод карда мешаванд.

27. То ҷорӣ гардидани низоми электронии мукотиба, дархост аз ҷониби раёсатҳои (шуъбаҳои) Агентии суғуртаи иҷтимоии ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон дар шаҳрҳо (ноҳияҳо) ба марказҳои минтақавии баҳисобгирии инфиродӣ ҷиҳати пешниҳод намудани маълумот дар бораи музди меҳнат ва даромади шахси суғурташудаи мурочиаткунанда ва андозаи маблағҳои андӯхти нафақавии ӯ, ки дар суратҳисоби инфиродиаш инъикос гардидаанд ва ҳамчунин ирсоли маълумот ба раёсатҳои (шуъбаҳои) Агентии суғуртаи иҷтимоии ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳрҳо (ноҳияҳо) аз марказҳои минтақавии баҳисобгирии инфиродӣ бо тартиби умумимуқарраршуда сурат гирифта, дархосту маълумотҳои ирсолшаванда рақамгузорӣ карда шуда, дар китобҳои алоҳида ба қайд гирифта мешаванд. Пас аз ҷорӣ гардидани мукотибаи электронӣ пешниҳоди дархост ва ирсоли чунин маълумот тариқи электронӣ бо риояи талаботе, ки барои ирсоли ҳуҷҷатҳо тариқи электронӣ муқаррар шудааст, сурат мегирад.

28. Дар асоси маълумоти аз маркази минтақавии баҳисобгирии инфиродӣ дастраскардашуда ва дигар ҳуҷҷатҳое, ки шахси суғурташуда барои таъини нафақаи суғуртавӣ пешниҳод намудааст, дар муддати 5 рӯзи корӣ мутахассиси дахлдори шуъбаи (бахши) таъиноти нафақаи раёсати (шуъбаи) Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳр (ноҳия) барои анҷом додани ҳисоб ва муайян намудани андозаи нафақаи суғуртавӣ маълумоти заруриро ба барномаи автоматикунонидашуда, ки дар компютери ҳар як мутахассис васл карда шудааст, ворид менамояд.

29. Аз натиҷаи ҳисоб, ки тавассути ворид намудани маълумоти зарурӣ ба барномаи автоматикунонидашуда ҳосил карда мешавад, мутахасиси шуъбаи (бахши) таъиноти нафақаи раёсати (шуъбаи) Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳр (ноҳия) андозаи қисми суғуртавӣ ва захиравии нафақаи суғуртавиро муайян намуда, амалҳои зеринро анҷом медиҳад:

- варақаи ҳисоби андозаи нафақаи суғуртавиро аз рӯи шакли муқарраршуда омода менамояд;

- дар асоси варақаи ҳисоби андозаи нафақаи суғуртавӣ қарор дар бораи таъини нафақаи суғуртавиро таҳия менамояд;

- тамоми ҳуҷҷатҳое, ки дар асоси онҳо андозаи нафақаи суғуртавӣ ҳисоб карда шудааст, дар муқоваи махсуси шаклаш муқарраршуда аз рӯи тартиб (қарор дар бораи таъини нафақаи суғуртавӣ, варақаи ҳисоби андозаи нафақаи суғуртавӣ ва маълумоти маркази минтақавии баҳисобгирии инфиродӣ дар бораи музди меҳнат ва даромади шахси суғурташудаи муроҷиаткунанда ва андозаи маблағҳои андӯхти нафақавии ӯ, ки дар суратҳисоби инфиродиаш пас аз 1 январи соли 1999 инъикос гардидаанд, дар саҳифаҳои аввали асноди нафақавӣ дӯхта мешаванд) ҷойгир намуда, лоиҳаи асноди нафақавии нафақагирро омода менамояд;

- дар варақаи ҳисоби андозаи нафақаи суғуртавӣ ва қарор дар бораи таъини нафақаи суғуртавӣ имзо гузошта, онҳоро якҷоя бо лоиҳаи асноди нафақавии омодакардашуда барои санҷиш ва имзогузорӣ аввал ба сардори шуъбаи (бахши) таъиноти нафақа ва пас аз он ба сардори раёсати (шуъбаи) Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳр (ноҳия) пешниҳод менамояд.

30. Сардори шуъбаи (бахши) таъиноти нафақа ва сардори раёсати (шуъбаи) Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳр (ноҳия) бо риояи тартиби дар сархати чоруми банди 29 Тартиби мазкур пешбинишуда дурустии ба барномаи автоматикунонидашуда ворид намудани маълумоти дахлдор, ҳисоби андозаи қисми суғуртавӣ ва захиравии нафақаи суғуртавӣ, дурустии тартиб додани варақаи ҳисоб ва таҳияи қарор дар бораи таъини нафақаҳои суғуртавиро санҷиш менамоянд (дар сурати ба миён омадани зарурат шакли электронии ҳисобҳои гузаронидашуда низ санҷида мешаванд) ва имзо мегузоранд. Дар қарор дар бораи таъини нафақаи суғуртавӣ мӯҳри раёсати (шуъбаи) Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳр (ноҳия) гузошта мешавад.

31. Дар сурати ошкор гардидани хатогӣ ё носаҳеҳӣ дар маълумотҳои дар асноди нафақавӣ мавҷудбуда ё ошкор гардидани хатогӣ дар ба расмият даровардани варақаи ҳисоби андозаи нафақаи суғуртавӣ ё қарор дар бораи таъини нафақаи суғуртавӣ лоиҳаи асноди нафақавӣ ба мутахассиси

масъуле, ки онро омода намудааст, барои ислоҳ ва пешниҳоди минбаъда баргардонида мешавад.

32. Пас аз имзо намудани қарор дар бораи таъини нафақаи суғуртавӣ мутахассиси масъул, бо назардошти тамоми ҳуҷҷатҳо асноди нафақавиро омода мекунад, варианти электронии варақаи ҳисоби андозаи нафақаи суғуртавиро аз рӯи насаб, ном ва номи падари нафақагир номгузорӣ намуда, дар ҷузвдони (папкаи) алоҳида ҳифз менамояд, инчунин барои амалӣ намудани пардохти нафақаи таъингардида маълумоти дахлдорро ба барномаи автоматикунонидашуда, ки дар асоси он рӯйхатҳо барои пардохти нафақа омода мешаванд, ворид менамояд ва асноди нафақавиро ба бойгонии раёсат (шуъба) бо бақайдгирии он дар китоби алоҳида, ки бо ин мақсад кушода шудааст, месупорад.

33. Дар сурати рад гардидани таъини нафақаи суғуртавӣ қарор дар бораи рад кардани таъини нафақаи суғуртавӣ омода карда шуда, он аз ҷониби мутахассиси масъуле, ки онро омода кардааст, сардори шуъбаи (бахши) таъиноти нафақа ва сардори раёсати (шуъбаи) Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳр (ноҳия) имзо гузошта мешавад ва бо мӯҳри раёсат (щуъба) ба расмият дароварда мешавад.

34. Тартиби ҳисоб ва пардохти қисми суғуртавӣ ва захиравии нафақаҳои суғуртавӣ, риоя намудани меъёрҳои камтарини муқарргардида барои қисми суғуртавии нафақаҳои суғуртавӣ ва муқаррар намудани иловапулиҳо ба нафақаҳои суғуртавӣ вобаста аз намуди нафақаҳои суғуртавӣ дар параграфҳои 3, 4 ва 5 Фасли 2 Тартиби мазкур муайян карда шудааст.

## §3. ТАРТИБИ ТАЪИНИ НАФАҚАИ СУҒУРТАВӢ АЗ РӮИ СИННУ СОЛ

35. Нафақаи суғуртавӣ аз рӯи синну сол ба мардҳое, ки ба синни 63 ва занҳое, ки ба синни 58 расидаанд (ба истисноиn нафақаҳои суғуртавӣ аз рӯи синну сол бо истифодаи имтиёзҳо) ва собиқаи суғуртавии 300 моҳ мардҳо ва 240 моҳ занҳо доранд, таъин карда мешавад.

36. Ба шахсоне, ки дар ноҳияи Мурғоби Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон кор кардаанд ва доимӣ истиқомат мекунанд, нафақаи суғуртавӣ аз рӯи синну сол ба мардҳо ҳангоми расидан ба синни 53 ва ба занҳо ҳангоми расидан ба синни 48 ва доштани собиқаи суғуртавии 240 моҳ мардҳо ва 180 моҳ занҳо таъин карда мешавад.

37. Нафақаи суғуртавӣ аз рӯи синну сол бо истифодаи имтиёзҳо танҳо ба шахсони суғурташудае таъин карда мешавад, ки ба синну соли дар қисми 3 моддаи 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» пешбинишуда расидаанд ва собиқаи суғуртавии зарурии дар ҳамин модда муқарраргардидаро доранд.

38. Нафақаи суғуртавӣ аз рӯи синну сол аз рӯзи ҳуқуқ пайдо намудан ба нафақа, яъне расидан ба синну соли муқарраршудаи нафақавӣ таъин карда мешавад, агар муроҷиат барои таъини нафақа на дертар аз се моҳ пас аз пайдо намудани ҳуқуқ ба чунин нафақа сурат гирифта бошад. Дар сурате, ки аз рӯзи ҳуқуқ пайдо намудан ба нафақа зиёда аз се моҳ гузашта бошад, нафақаи суғуртавӣ аз рӯи синну сол аз рӯзи муроҷиат таъин карда мешавад.

39. Нафақаи суғуртавӣ аз рӯи синну сол аз қисмҳои суғуртавӣ ва захиравӣ иборат мебошад.

40. Барои муайян намудани андозаи қисми суғуртавии нафақаи суғуртавӣ аз рӯи синну сол маблағи сармояи шартии нафақавии шахси суғурташуда ба ҳолати рӯзи муроҷиат, ки бо тартиби муқаррарнамудани қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 сентябри соли 2015, №588 «Дар бораи Тартиби индексатсияи нафақаҳо ва сармояи шартии нафақавӣ» тавассути барномаи автоматикунонидашуда муайян карда шудааст, ба шумораи моҳҳои давраи пардохти эҳтимолӣ, ки то 1 январи соли 2017 ба 120 моҳ ва пас аз 1 январи соли 2017 ба 180 моҳ баробар мебошад, тақсим карда мешавад.

41. Мувофиқи муқаррароти моддаи 22 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» барои муайян намудани андозаи қисми суғуртавии нафақаи суғуртавӣ аз рӯи синну сол вобаста аз собиқаи суғуртавии пурра ва нопурра меъёрҳои камтарин муқаррар карда шудааст.

42. Барои муайян намудани собиқаи суғуртавии пурра меъёрҳои собиқаи суғуртавии дар моддаи 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ», аз ҷумла барои нафақаҳои суғуртавӣ аз рӯи синну сол бо истифодаи имтиёзҳо муайянгардида ба ҳисоб гирифта мешаванд.

43. Дар сурате, ки муроҷиаткунанда вобаста аз категория ва мақоми иҷтимоие, ки ба он мансуб мебошад, аз меъёри муқаррарнамудаи моддаи 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» (ба истисноӣ нафақаҳои суғуртавӣ аз рӯи синну сол бо истифодаи имтиёзҳо) камтар, вале дар маҷмӯъ на камтар аз 60 моҳ собиқаи суғуртавӣ дошта бошад, қисми суғуртавии нафақаи суғуртавӣ аз рӯи синну сол бо назардошти собиқаи суғуртавии нопурра ба ҳисоб меравад.

44. Нафақаи суғуртавӣ аз рӯи синну сол бо истифодаи имтиёзҳо мувофиқи қисми 3 моддаи 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» дар мавриди доштани собиқаи суғуртавии камтар аз меъёри муқарраргардида таъин карда намешаванд.

45. Дар сурате, ки андозаи қисми суғуртавии нафақаи суғуртавӣ аз рӯи синну сол бо назардошти собиқаи суғуртавии пурра камтар аз 100 фоизи нафақаи заминавиро ташкил намояд, нафақа ба андозаи 100 фоизи нафақаи заминавии муқарраргардида таъин карда мешавад.

46. Агар андозаи қисми суғуртавии нафақаи суғуртавӣ аз рӯи синну сол бо назардошти собиқаи суғуртавии нопурра камтар аз 70 фоизи нафақаи заминавиро ташкил намояд, нафақа ба андозаи 70 фоизи нафақаи заминавии муқарраргардида таъин карда мешавад.

47. Қисми захиравии нафақаи суғуртавӣ аз рӯи синну сол аз ҳисоби саҳмҳои андӯхтшудаи нафақавии шахси муроҷиаткунанда, ки дар суратҳисоби инфиродиаш ҷамъ шудааст, ҳисоб ва муайян карда мешавад.

48. Барои муайян намудани андозаи қисми захиравии нафақаи суғуртавӣ аз рӯи синну сол маблағи умумии андӯхтҳои нафақавӣ, ки  бо назардошти индексатсия аз рӯи даромад аз ҳисоби сармоягузории онҳо ба ҳолати рӯзи муроҷиат муайян карда шудааст, ба шумораи моҳҳои давраи пардохти эҳтимолӣ, ки то 1 январи соли 2017 ба 120 моҳ ва

пас аз 1 январи соли 2017 ба 180 моҳ баробар мебошад, тақсим карда мешавад.

49. Дар сурате, ки андозаи андӯхтҳои нафақавӣ ба даҳкаратаи андозаи нафақаи заминавии муқаррargardida баробар ё аз он зиёд бошад, дар ин маврид маблағи мазкур ҳамчун қисми захиравии нафақаи суғуртавӣ муқаррар карда мешавад.

50. Барои муайян намудани андозаи нафақаи суғуртавӣ аз рӯи синну сол маблағи муайянгардидаи қисми суғуртавӣ бо маблағи муайянгардидаи қисми захиравӣ ҷамъ карда мешавад.

51. Дар сурате, ки андозаи андӯхтҳои нафақавӣ аз маблағи даҳкаратаи андозаи нафақаи заминавии муқаррargardida кам бошад, дар ин маврид маблағи мазкур якдафъаина бо тартиби муайянгардида пардохт карда мешавад.

52. Мувофиқи муқаррароти моддаи 24 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» шурӯъ аз 1 январи соли 2017 шахсоне, ки ба синну соли нафақавӣ мерасанд ва ба нафақаи суғуртавӣ аз рӯи синну сол ҳуқуқ пайдо менамоянд, аммо мехоҳанд фаъолияти меҳнатиро идома дода, саҳмҳои суғуртавиро пардохт намоянд, ҳуқуқ доранд, ки бо пешниҳоди аризаи расмӣ ба раёсати (шуъбаи) Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри (ноҳияи) ҷойи истиқомат муроҷиат барои таъини нафақаи суғуртавӣ аз рӯи синну солро ба таъхир андозанд. Андозаи қисми суғуртавии нафақаи суғуртавӣ аз рӯи синну сол барои чунин шахсон баъди муроҷиаташон вобаста аз миқдори солҳои пурраи мавқуф гузоштани муроҷиат бо кам кардани шумораи моҳҳои давраи пардохти эҳтимолӣ, ки дар ҷадвали дар қисми 1 моддаи 24 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» оварда шудааст, ҳисоб карда мешавад.

53. Ба таъхир гузоштани муроҷиат барои таъини нафақа нисбати шахсоне татбиқ карда мешавад, ки ба нафақаи суғуртавӣ аз рӯи синну сол дар мавриди расидан ба синни муқаррargardidai нафақавӣ, ки дар моддаи 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» пешбинӣ шудааст, ҳуқуқ доранд.

54. Ба таъхир гузоштани мурочиат барои таъини нафақа аз рӯзи пешниҳоди ариза ба раёсати (шуъбаи) Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри (ноҳияи) ҷойи истиқомати мурочиаткунанда ба инобат гирифта шуда, миқдори солҳои пурраи мавқуф гузоштани мурочиат низ аз ҳамон рӯз ҳисоб карда мешавад.

## §4. ТАРТИБИ ТАЪИНИ НАФАҚАИ СУҒУРТАВӢ АЗ РӮИ МАЪЮБӢ

55. Нафақаи суғуртавӣ аз рӯи маъюбӣ ҳангоми фарорасии гурӯҳҳои I, II ва ё III маъюбӣ, ки мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба ташхиси тиббию иҷтимоӣ муқаррар намудааст, таъин карда мешавад, агар шахси суғурташудаи ба ӯ маъюби муқарраргардида на камтар аз 60 моҳ собиқаи суғуртавӣ дошта бошад.

56. Нафақаи суғуртавӣ аз рӯи маъюбӣ аз рӯзи муқаррар гардидани гурӯҳи маъюбӣ, ки онро мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба ташхиси тиибию иҷтимоӣ муайян намудааст, таъин карда мешавад, агар мурочиат на дертар аз се моҳ аз рӯзи муқаррар гардидани маъюбӣ сурат гирифта бошад. Дар сурате, ки аз рӯзи муқаррар гардидани маъюбӣ зиёда аз се моҳ гузашта бошад, нафақаи суғуртавӣ аз рӯи маъюбӣ аз рӯзи мурочиат таъин карда мешавад.

57. Нафақаи суғуртавӣ аз рӯи маъюбӣ аз қисмҳои суғуртавӣ ва захиравӣ иборат мебошад.

58. Андозаи қисми суғуртавии нафақаи суғуртавӣ аз рӯи маъюбӣ бо тартибе, ки қисми суғуртавии нафақаи суғуртавӣ аз рӯи синну сол муайян карда мешавад, ҳисоб карда шуда, вобаста аз гурӯҳи маъюбии муқарраргардида ба андозаҳои зерин таъин карда мешавад:

- ба маъюбони гурӯҳи I – 100 фоиз;
- ба маъюбони гурӯҳи II – 85 фоиз;
- ба маъюбони гурӯҳи III – 70 фоиз.

59. Мувофиқи муқаррароти моддаи 25 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» барои муайян намудани андозаи қисми суғуртавии нафақаи суғуртавӣ аз рӯи маъюбӣ вобаста аз собиқаи суғуртавии

пурра ва нопурра меъёрҳои камтарин муқаррар карда шудааст.

60. Барои муайян намудани собиқаи суғуртавии пурра меъёрҳои собиқаи суғуртавии дар моддаи 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ», аз ҷумла барои нафақаҳои суғуртавӣ аз рӯи синну сол бо истифодаи имтиёзҳо муайянгардида ба ҳисоб гирифта мешаванд.

61. Дар сурате, ки муроҷиаткунанда вобаста аз категория ва мақоми иҷтимоие, ки ба он мансуб мебошад, аз меъёри муқаррарнамудаи моддаи 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» камтар собиқаи суғуртавӣ дошта бошад, қисми суғуртавии нафақаи суғуртавӣ аз рӯи маъюбӣ бо назардошти собиқаи суғуртавии нопурра ба ҳисоб меравад.

62. Қисми суғуртавии нафақаи суғуртавӣ аз рӯи маъюбӣ наметавонад аз андозаҳои зерин кам бошад:

а) бо назардошти собиқаи суғуртавии пурра:

- ба маъюбони гурӯҳи I - 150 фоизи андозаи нафақаи заминавии муқарраргардида;
- ба маъюбони гурӯҳи II - 125 фоизи андозаи нафақаи заминавии муқарраргардида;
- ба маъюбони гурӯҳи III - 100 фоизи андозаи нафақаи заминавии муқарраргардида;

б) бо назардошти собиқаи суғуртавии нопурра:

- ба маъюбони гурӯҳи I - 100 фоизи андозаи нафақаи заминавии муқарраргардида;
- ба маъюбони гурӯҳи II - 85 фоизи андозаи нафақаи заминавии муқарраргардида;
- ба маъюбони гурӯҳи III - 70 фоизи андозаи нафақаи заминавии муқарраргардида.

63. Нафақаи суғуртавӣ аз рӯи маъюбӣ барои давраи муайяннамудаи мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба ташхиси тиббию иҷтимоӣ таъин карда мешавад.

64. Қисми захиравии нафақаи суғуртавӣ аз рӯи маъюбӣ баъд аз расидан ба синни умумимуқарраршудаи нафақавӣ бо тартиби дар бандҳои 47, 48, 49 ва 51 Тартиби мазкур баёнгардида, ҳисоб, муқаррар ва пардохт карда мешавад.

## §5. ТАРТИБИ ТАЪИНИ НАФАҚАИ СУҒУРТАВӢ АЗ РӮИ МАҲРУМ ШУДАН АЗ САРОБОН

65. Нафақаи суғуртавӣ аз рӯи маҳрум шудан аз саробон ба шахсони дар моддаи 16 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» пешбинигардида, ки дар таъминоти шахси суғурташудаи фавтида қарор доштанд, таъин карда мешавад.

66. Дар таъминоти саробони фавтида қарордошта шахсоне ба ҳисоб мераванд, ки то рӯзи вафот дар таъминоти пурраи ӯ қарор доштанд ё аз ӯ кӯмаке мегирифтанд, ки барои онҳо манбаи асосии рӯзгузаронӣ ба ҳисоб мерафт.

67. Далели дар таъминоти саробони суғурташудаи фавтида қарор доштан бо маълумотномае, ки аз тарафи идораи манзилӣ ё мақомоти худидоракунии шаҳрак ё деҳоти ҷои зисти шахси дар таъминоти саробони фавтида қарордошта дода шудааст, тасдиқ карда мешавад.

68. Нафақаи суғуртавӣ аз рӯи маҳрум шудан аз саробон аз рӯзи пайдо намудани ҳуқуқ ба чунин нафақа, яъне аз рӯзи фавти саробон таъин карда мешавад, агар мурочиат на дертар аз 6 моҳи баъди фавти саробон сурат гирифта бошад. Дар сурате, ки аз рӯзи фавти саробон зиёда аз 6 моҳ гузашта бошад, нафақаи суғуртавӣ аз рӯи маҳрум аз саробон аз рӯзи мурочиат таъин карда мешавад.

69. Нафақаи суғуртавӣ аз рӯи маҳрум шудан аз саробон, ки бинобар бе ному нишон гум шудани саробон таъин мегардад, аз рӯзи бе ному нишон гумшуда эътироф гардидани саробон аз ҷониби мақомоти ваколатдор, таъин карда мешавад, агар мурочиат на дертар аз 6 моҳ аз рӯзи бе ному нишон гумшуда эътироф гардидани саробон сурат гирифта бошад. Дар сурате, ки аз рӯзи бе ному нишон гумшуда эътироф гардидани саробон зиёда аз 6 моҳ гузашта бошад, нафақа аз рӯзи мурочиат таъин карда мешавад.

70. Нафақаи суғуртавӣ аз рӯи маҳрум шудан аз саробон барои ҳар як узви оилаи бесаробонмонда, ки ба нафақа аз рӯи маҳрум шудан аз саробон ҳуқуқ дорад, бо ҳиссаи баробар (вобаста ба теъдоди аъзои оила, ки талаби гирифтани нафақаро доранд) аз нафақаи суғуртавӣ, ки саробон дар ҳолати суғуртавӣ ба гирифтани он ҳуқуқ дошт, бо тартиби дар банди 40 Тартиби мазкур пешбинигардида ҳисоб карда

мешавад. Яъне, аз рӯи собиқаи суғуртавӣ ва сармояи шартии нафақавии ташаккулёфта андозаи нафақаи суғуртавӣ аз рӯи синну сол барои саробони фавтида муайян карда шуда, бо ҳиссаи баробар вобаста ба теъдоди аъзои оила, ки талаби гирифтани нафақаи суғуртавӣ аз рӯи маҳрум шудан аз саробонро доранд, муайян карда мешавад.

71. Барои кӯдакони аз падару модар маҳрумшуда нафақаи суғуртавӣ аз рӯи маҳрум шудан аз саробон ба андозаи нафақаи суғуртавие, ки ҳар ду саробон дар ҳолати суғуртавӣ ба гирифтани он ҳуқуқ доштанд, ҳисоб карда мешавад. Яъне, андозаи нафақаи суғуртавие, ки ҳар яке аз саробон (падар ва модар) дар алоҳидагӣ ҳуқуқ доштанд, бо тартиби дар банди 40 Тартиби мазкур пешбинигардида муайян карда шуда, баъдан ҷамъ карда мешаванд ва бо ҳиссаи баробар байни теъдоди аъзои ғайри қобили меҳнати оила, ки талаби гирифтани нафақаро доранд, тақсим карда мешавад.

72. Зимнан, агар яке аз волидайн собиқаи кории камтар аз 60 моҳ дошта бошад, сармояи шартии нафақавии ташаккулёфтаи ӯ дар ҳисоби нафақа ба ҳисоб гирифта намешавад.

73. Мувофиқи муқаррароти моддаи 26 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» барои нафақаи суғуртавӣ аз рӯи маҳрум шудан аз саробон вобаста аз собиқаи суғуртавии пурра ва нопурраи саробони фавтида меъёрҳои камтарин муқаррар карда шудааст.

74. Барои муайян намудани собиқаи суғуртавии пурраи саробони фавтида меъёрҳои собиқаи суғуртавии дар моддаи 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ», аз ҷумла барои нафақаҳои суғуртавӣ аз рӯи синну сол бо истифодаи имтиёзҳо муайянгардида ба ҳисоб гирифта мешаванд.

75. Дар сурате, ки саробони фавтида вобаста аз категория ва мақоми иҷтимоие, ки ба он мансуб мебошад, аз меъёри муқаррарнамудаи моддаи 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» камтар собиқаи суғуртавӣ дошта бошад, нафақаи суғуртавӣ аз рӯи маҳрум шудан аз саробон, ки барои аъзои ғайри қобили меҳнати оила таъин карда мешавад, бо назардошти собиқаи суғуртавии нопурра ба ҳисоб меравад.

76. Зимни муайян намудани меъёри камтарини нафақаи суғуртавӣ аз рӯи маҳрум шудан аз саробон ба кӯдакони аз падару модар маҳрумшуда собиқаи суғуртавии пурра ё нопурра аз рӯи собиқаи суғуртавии саробоне, ки зиёдтар собиқаи суғуртавӣ дорад, ба асос гирифта мешавад.

77. Нафақаи суғуртавӣ аз рӯи маҳрум шудан аз саробон наметавонад аз андозаҳои зерин кам бошад:

а) бо назардошти собиқаи суғуртавии пурраи саробони фавтида:

- барои як узви корношоями оила – 100 фоизи андозаи нафақаи заминавии муқарраргардида;
- барои ду узви корношоями оила – 150 фоизи андозаи нафақаи заминавии муқарраргардида;
- барои се ва зиёда аз он узви корношоями оила – 200 фоизи андозаи нафақаи заминавии муқарраргардида;

б) бо назардошти собиқаи суғуртавии нопурраи саробони фавтида:

- барои як узви корношоями оила – 70 фоизи андозаи нафақаи заминавии муқарраргардида;
- барои ду узви корношоями оила – 105 фоизи андозаи нафақаи заминавии муқарраргардида;
- барои се ва зиёда аз он узви корношоями оила – 140 фоизи андозаи нафақаи заминавии муқарраргардида.

78. Нафақаи суғуртавӣ аз рӯи маҳрум шудан аз саробон ба кӯдакони аз падару модар маҳрумшуда бошад наметавонад аз андозаҳои зерин кам бошад:

а) бо назардошти собиқаи суғуртавии пурраи саробони фавтида:

- барои як узви корношоями оила – 150 фоизи андозаи нафақаи заминавии муқарраргардида;
- барои ду узви корношоями оила – 200 фоизи андозаи нафақаи заминавии муқарраргардида;
- барои се ва зиёда аз он аъзои корношоями оила – 250 фоизи андозаи нафақаи заминавии муқарраргардида;

б) бо назардошти собиқаи суғуртавии нопурраи саробони фавтида:

- барои як узви корношоями оила – 100 фоизи андозаи нафақаи заминавии муқарраргардида;
- барои ду узви корношоями оила – 150 фоизи андозаи нафақаи заминавии муқарраргардида;

- барои се ва зиёда аз он аъзои корношоями оила – 200 фоизи андозаи нафақаи заминавии муқарраргардида.

79. Андозаи нафақаи суғуртавӣ аз рӯи маҳрум шудан аз саробон, ки вафоти саробон бар асари иҷрои ӯҳдадориҳои хизмати ҳарбӣ аз рӯи даъват фаро расидааст, наметавонад аз 150 фоизи андозаи нафақаи заминавии муқарраргардида барои ҳар як узви корношоями оила кам бошад.

80. Нафақаи суғуртавӣ аз рӯи маҳрум шудан аз саробон барои даврае, ки тӯли он аъзои оилаи саробони фавтида корношоям дониста мешавад ва аз рӯи шарт ва муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» ба нафақа барои маҳрум шудан аз саробон ҳуқуқ дорад, таъин карда мешавад.

81. Нафақаи суғуртавӣ барои маҳрум шудан аз саробон ба аъзои оила, ки дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна мехонанд, аммо синнашон аз 18 гузаштааст, қатъ карда мешавад.

82. Дар сурате, ки аъзои оила пас аз расидан ба синни 18 ва хатми муассисаи таълимии таҳсилоти миёна ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ (шакли рӯзонаи таҳсил) дохил шавад, нафақаи суғуртавӣ аз рӯи маҳрум шудан аз саробон дар асоси маълумотномаи тасдиқкунандаи ин муассисаҳо аз рӯзи донишҷӯ шудани он таъин (барқарор) ва пардохт карда мешавад, агар маълумотнома дар давраи на дертар аз 1 моҳ пас оғози соли таҳсил пешниҳод шуда бошад. Дар дигар ҳолатҳо нафақаи суғуртавӣ аз рӯи маҳрум шудан аз саробон аз рӯзи пешниҳоди маълумотномаи тасдиқкунандаи муассисаҳои дар боло зикршуда таъин (барқарор) ва пардохт карда мешавад.

83. Нафақагироне, ки ба онҳо барои аъзои оилаи дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ (шакли рӯзонаи таҳсил) таҳсилдошта нафақаи суғуртавӣ аз рӯи маҳрум шудан аз саробон таъин гардидааст, вазифадоранд, ки барои тасдиқи таҳсил дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ (шакли рӯзонаи таҳсил) дар як сол ду маротиба - ба ҳолати 1 сентябр ва 1 март аз муассисаи таълимӣ маълумотнома пешниҳод намоянд.

84. Дар сурати пешниҳод нагардидани чунин маълумотнома пардохти нафақаи суғуртавӣ барои маҳрум шудан аз саробон ба чунин аъзои оила дар мӯҳлатҳои зикршуда то пешниҳод шудани маълумотнома қатъ карда мешавад.

85. Пас аз пешниҳод гардидани маълумотнома аз муассисаи таълимӣ дар мӯҳлати то 1 моҳ (30 сентябр ва 31 март) нафақаи суғуртавӣ аз барои маҳрум шудан аз саробон аз рӯзи қатъ гардидани он барқарор ва пардохт карда мешавад. Дар сурати пешниҳоди маълумотнома дар мӯҳлати дертар аз 1 моҳ, нафақа аз рӯи муроҷиат барқарор ва пардохт карда мешавад.

86. Ба шахсоне, ки ба онҳо нафақаи суғуртавӣ аз рӯи маҳрум шудан аз саробон бо сабаби вафоти яке аз волидайн таъин карда шудааст ва пас аз чанд мӯҳлат саробони дигар низ вафот мекунад, андозаи нафақаи суғуртавие, ки саробон дар ҳолати суғуртавӣ ба гирифтани он ҳуқуқ дошт, ҳисоб карда мешавад ва бо ҳиссаи баробар ба теъдоди аъзои ғайри қобили меҳнати оила таъин карда мешавад, яъне нафақаи муайянгардида ба андозаи нафақаи амалкунанда, ки аъзои ғайри қобили меҳнати оила мегирифтанд, ҷамъ карда мешавад.

87. Дар ҳолате, ки агар дар оилаи барои таъини нафақаи суғуртавӣ аз рӯи маҳрум шудан аз саробон муроҷиаткарда қисме аз аъзои ғайри қобили меҳнати оила аз падару модар ва қисми дигаре аз падар ё модар маҳрум шуда бошанд, андозаи қисми суғуртавии нафақаи онҳо бо тартиб зерин ҳисоб карда мешавад:

а) андозаи нафақа аз сармояи шартии нафақавии саробони фавтидаи ҳамаи аъзои ғайри қобили меҳнати оила ҳисоб карда шуда, ба ҳиссаи баробар тақсим карда мешавад;

б) андозаи нафақа аз сармояи шартии нафақавии саробони дигари фавтидаи аъзои ғайри қобили меҳнати оила, ки аз падар ва модар маҳрум шудааст, ҳисоб карда шуда, ба ҳиссаи баробар вобаста аз теъдоди аъзои ғайри қобили меҳнати аз падар ва модар маҳрумшуда тақсим карда шуда, ба қисми суғуртавии нафақаашон, ки аз ҳисоби дигар саробон муайян шудааст, ҷамъ карда мешавад;

в) меъёри камтарини нафақаи суғуртавӣ аз рӯи маҳрум шудан аз саробон барои аъзои ғайри қобили меҳнати оила,

ки аз падар ва модар маҳрум шудаанд, вобаста аз теъдодашон аз рӯи талаботи қисми 4 моддаи 26 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» ва барои аъзои ғайри қобили меҳнати оила, ки аз падар ё модар маҳрум шудаанд, вобаста аз теъдодашон аз рӯи талаботи қисми 3 моддаи 26 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» дар алоҳидагӣ риоя карда мешаванд;

г) барои муайян намудани андозаи қисми суғуртавии нафақаи суғуртавӣ аз рӯи маҳрум шудан аз саробон барои ҳамаи аъзои чунин оила, қисми суғуртавии барои аъзои ғайри қобили меҳнати оила, ки аз падар ва модар маҳрум шудаанд ва қисми суғуртавии аъзои ғайри қобили меҳнати оила, ки аз падар ё модар маҳрум шудаанд, муайянкардашуда (аз ҷумла қисми суғуртавии бо назардошти меъёрҳои камтарин муқарраршуда) ҷамъ карда мешавад.

88. Ба шахсоне, ки ба онҳо нафақаи суғуртавӣ аз рӯи маҳрум шудан аз саробон таъин карда мешавад, аммо дар қисми махсуси суратҳисоби инфиродии саробони фавтида саҳмҳои андӯхтшудаи нафақавӣ мавҷуд мебошанд, маблағи мазкур бо тартиби муайянгардида ҳисоб ва яквақта пурра пардохт карда мешавад.

89. Зимнан, агар дар қисми махсуси суратҳисоби инфиродии дигар саробони фавтида, ки камтар аз 60 моҳ собиқаи суғуртавӣ дошт ва зимни ҳисоби нафақаи суғуртавӣ аз рӯи маҳрум шудан аз саробон ба аъзои ғайри қобили меҳнати оилаи ӯ ба инобат гирифта нашуд, саҳмҳои андӯхтшудаи нафақавӣ мавҷуд бошанд, маблағи мазкур низ ҳисоб ва бо тартиби муқарраргардида ба ворисонаш яквақта пардохт карда мешавад.

90. Бо хоҳиши яке аз аъзои оила, ки нафақаи суғуртавӣ аз рӯи маҳрум шудан аз саробон мегирад, ҳиссаи ӯ аз нафақаи суғуртавии ба оила таъиншуда метавонад ҷудо карда шавад.

## §6. ТАРТИБИ БОЗҲИСОБИИ НАФАҚАҲОИ СУҒУРТАВӢ

91. Нафақаҳои суғуртавӣ дар ҳолатҳои ба намуди дигари нафақаи суғуртавӣ гузаштан, тағйир ёфтани гурӯҳи маъюбӣ,

тағйир ёфтани теъдоди аъзои ғайриқобили меҳнати оила, ки нафақаи суғуртавӣ аз рӯи маҳрум шудан аз саробон мегиранд ва давом додани фаъолияти меҳнатӣ ва пардохти саҳмҳои суғуртавӣ дар мӯҳлатҳо ва бо тартиби зерин бозҳисобӣ карда мешаванд:

- дар ҳолати пайдо шудани ҳуқуқ барои баланд бардоштани нафақа - аз рӯзи якуми моҳе, ки нафақагир барои бозҳисобии нафақа расман ба раёсати (шуъбаи) Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри (ноҳияи) ҷойи қайди асноди нафақавиаш муроҷиат намудааст, аммо на пештар аз рӯзе, ки ба бозҳисобии нафақа ҳуқуқ пайдо намудааст;

- ҳангоми ба амал омадани ҳолате, ки дар натиҷаи он андозаи нафақа кам мешавад, – аз рӯзи якуми моҳи баъди моҳи ба амал омадани чунин ҳолат бе аризаи нафақагир дар сурати расидани ҳолатҳое, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» пешбинӣ менамоянд ва асос барои кам кардани андозаи нафақа мегарданд.

92. Ҳангоми тағйир ёфтани гурӯҳи маъюбӣ, ки сабаби зиёд гардидани андозаи нафақаи суғуртавӣ мегардад, нафақа ба андозаи нав аз рӯзи тағйир ёфтани гурӯҳи маъюбӣ пардохт карда мешавад.

93. Муқаррароти дар бандҳои 91 ва 92 Тартиби мазкур пешбинигардида нисбати нафақаҳои суғуртавӣ аз рӯи маъюбӣ дар ҳолатҳое татбиқ карда мешавад, ки дар давраи маъюбӣ фосила пайдо нашуда бошад.

94. Аз нав барқарор намудани пардохти нафақаи суғуртавӣ аз рӯи маъюбӣ дар сурати пайдоиши фосила дар давраи маъюбӣ бо тартиб зерин амалӣ карда мешавад:

- дар ҳолате, ки аз давраи ба охир расидани мӯҳлати эътибори маъюбӣ то рӯзи боздиди такрорӣ на зиёда аз 1 моҳ гузашта бошад, – нафақа аз рӯзи ба охир расидани мӯҳлати эътибори маъюбӣ аз рӯи гурӯҳи маъюбии зимни боздиди такрорӣ муқарраршуда пардохт карда мешавад, агар муроҷиат ва пешниҳоди маълумотномаи тасдиқкунанда ба раёсати (шуъбаи) Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри (ноҳияи) ҷойи истиқомат дар мӯҳлати на дертар аз 3 моҳ пас аз рӯзи боздиди такрорӣ сурат гирифта бошад;

- дар сурате, ки аз давраи ба охир расидани мӯҳлати эътибори маъюбӣ то рӯзи боздиди такрорӣ зиёда аз 1 моҳ нагузашта бошад, аммо муроҷиат пас аз 3 моҳи баъд аз рӯзи боздиди такрорӣ сурат гирифта бошад, – нафақа аз рӯзи муроҷиат ва пешниҳоди маълумотномаи тасдиққунанда ба раёсати (шуъбаи) Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри (ноҳияи) ҷойи истиқомат пардохт карда мешавад;

- дар мавриде, ки аз давраи ба охир расидани мӯҳлати эътибори маъюбӣ то рӯзи боздиди такрорӣ зиёда аз 1 моҳ гузашта бошад, – нафақа аз рӯзи муроҷиат ва пешниҳоди маълумотномаи тасдиққунанда ба раёсати (шуъбаи) Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри (ноҳияи) ҷойи истиқомат пардохт карда мешавад;

- дар ҳолате, ки маъюбӣ бо мақсади омӯзиш, санҷиш, таҳлили дурустӣ ва дигар ҳолатҳои вобаста ба таъмини шаффофияти дурустии муқаррар гардидани маъюбӣ дар асоси санади расмии мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба ташхиси тиббию иҷтимоӣ муваққатан боздошт карда шудааст, - пас аз тасдиқ гардидани маъюбӣ, ба дигар гурӯҳи маъюбӣ гузаронидан ё ба дигар намуди нафақа гузаронидан, нафақа барои давраи муваққатан боздоштгардида аз рӯи гурӯҳи маъюбии то боздиди такрорӣ муқарраргардида пурра ҳисоб ва пардохт карда мешавад, агар дар маълумотномаи расмии мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба ташхиси тиббию иҷтимоӣ мӯҳлати дигаре муқаррар нагардида бошад.

95. Бозҳисобии андозаи қисми суғуртавии нафақаи суғуртавӣ аз рӯи маъюбӣ бинобар тағйир ёфтани гурӯҳи маъюбӣ бо тартиби зерин амалӣ карда мешавад:

- дар сурати аз гурӯҳи I ба гурӯҳи II ё III гузаштан қисми суғуртавӣ аз рӯи андозае, ки то рӯзи тағйири гурӯҳи маъюбӣ амал мекард, аз рӯи фоизи мансуб ба гурӯҳи маъюбии муқарраршуда мувофиқи қисми 1 моддаи 25 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» ҳисоб ва таъин карда мешавад;

- дар сурати аз гурӯҳи III ба гурӯҳи II ё I гузаштан ё аз гурӯҳи II ба I гузаштан, аз рӯи андозаи 100 фоизи қисми суғуртавии нафақаи суғуртавӣ аз рӯи синну сол, яъне аз

маблағи зимни таъиноти аввал муайяншуда, ки бо назардошти индексатсияи он дар асоси фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати рӯзи бозҳисобӣ (тағйири гурӯҳи маъюбӣ) ташаккул ёфтааст, аз рӯи фоизи мансуб ба гурӯҳи маъюбии муқарраршуда мувофиқи қисми 1 моддаи 25 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» ҳисоб ва таъин карда мешавад;

- дар ҳарду ҳолатҳои дар сархатҳои якум ва дуюми ҳамин банд пешбинишуда андозаи қисми суғуртавии нафақаи суғуртавӣ аз рӯи маъюбӣ, ки пас аз бозҳисобӣ муайян шудааст, бояд аз меъёрҳои камтарине, ки дар моддаи 25 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» муқаррар шудааст, кам набошад.

96. Гузаронидан аз як намуди нафақаи суғуртавӣ ба намуди дигари он аз рӯзи якуми моҳи баъди моҳе, ки дар он муроҷиат барои гузаронидан аз як намуди нафақа ба намуди дигари он бо замимаи ҳуҷҷатҳои зарурӣ, ки чунин ҳуқуқро медиҳад, ба раёсати (шуъбаи) Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри (ноҳияи) ҷойи қайди нафақагир ворид шудааст, амалӣ карда мешавад.

97. Дар мавриди аз нафақаи суғуртавӣ аз рӯи маъюбӣ ба нафақаи суғуртавӣ аз рӯи синну сол гузаштан қисми суғуртавии нафақа бо тартиби зерин муайян карда мешавад:

- дар сурате, ки нафақагир маъюбӣ гурӯҳи I бошад, андозаи қисми суғуртавии то рӯзи муроҷиат амалкунанда бетағйир мононда мешавад;

- дар сурате, ки нафақагир маъюби гурӯҳи III ё II бошад, 100 фоизи қисми суғуртавии нафақаи суғуртавӣ аз рӯи синну сол, яъне маблағи зимни таъиноти аввал муайяншуда, ки бо назардошти индексатсияи он дар асоси фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати рӯзи муроҷиат ташаккул ёфтааст, таъин карда мешавад;

- дар ҳама ҳолатҳо зимни аз нафақаи суғуртавӣ аз рӯи маъюбӣ ба нафақаи суғуртавӣ аз рӯи синну сол гузаштан меъёрҳои камтарини муайянгардида барои қисми суғуртавии нафақаи суғуртавӣ аз рӯи синну сол, ки дар моддаи 22 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои

суғуртавӣ ва давлатӣ» муқаррар шудааст, риоя карда мешаванд.

98. Дар мавриди аз нафақаи суғуртавӣ аз рӯи синну сол ба нафақаи суғуртавӣ аз рӯи маъюбӣ гузаштан қисми суғуртавии нафақа аз рӯи андозаи қисми суғуртавии нафақа, ки то рӯзи мурочиат бо назардошти индексатсияи он дар асоси фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил ёфтааст, аз рӯи фоизи дахлдори мансуб ба гурӯҳи маъюбии мурочиаткунанда, ҳисоб ва муқаррар карда мешавад.

99. Дар ҳолати дар банди 98 Тартиби мазкур пешбинигардида низ, меъёрҳои камтарини муайянгардида барои қисми суғуртавии нафақаи суғуртавӣ аз рӯи маъюбӣ, ки дар моддаи 25 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» муқаррар шудааст, риоя карда мешаванд.

100. Андозаи қисми захиравии нафақа бошад, бетағйир мононда шуда, пардохти он идома дода мешавад.

101. Бозҳисобии нафақаҳои суғуртавӣ аз рӯи синну сол бинобар давом додани фаъолияти меҳнатӣ барои даврае амалӣ карда мешавад, ки дар он шахси суғурташуда ё ин ки ба ҷои ӯ корфармо пас аз таъини нафақаи суғуртавӣ саҳмҳои суғуртавиро пардохт намудааст. Дар ин маврид сармояи шартии нафақавие, ки пас аз таъин намудани нафақаи суғуртавӣ ташаккул ёфтааст ва бо тартиби дар банди 40 Тартиби мазкур пешбинишуда ҳисоб карда шудааст, ба шумораи моҳҳои давраи пардохти эҳтимолие, ки мувофиқи ҷадвали дар моддаи 24 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» пешбинишуда ҳангоми ба таъхир гузоштани мурочиат барои таъини нафақаи суғуртавӣ аз рӯи синну сол татбиқ карда мешавад, тақсим карда мешавад. Яъне, шумораи давраи пардохти эҳтимолӣ барои ҳар як соли пурраи сипаришуда пас аз таъини нафақаи суғуртавӣ (нафақаҳои суғуртавӣ аз рӯи синну сол, аз ҷумла бо шартҳои имтиёзнок ва нафақаи суғуртавӣ аз рӯи маъюбӣ) то давраи қатъ намудани фаъолияти меҳнатӣ, барои давомдиҳандагони фаъолияти меҳнатӣ то рӯзи мурочиат барои бозҳисобӣ, мувофиқи нишондиҳандаҳои дар ҷадвали дар моддаи 24 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» муқарраршуда кам карда мешавад.

102. Маблағе, ки дар натиҷаи тақсим намудани сармояи шартии нафақавӣ ба шумораи моҳҳои давраи пардохти эҳтимолии дахлдор ҳосил шудааст, ба андозаи қисми суғуртавии нафақаи суғуртавии амалкунанда ҷамъ карда мешавад. Яъне, агар қисми суғуртавии нафақаи суғуртавии нафақагире, ки барои бозҳисобӣ муроҷиат намудааст, аз рӯи меъёрҳои камтарини тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» муқаррар шуда бошад, маблағи дар натиҷаи бозҳисобӣ ҳосилшуда ба маблағи қисми суғуртавии аз ҳисоби саҳмҳои суғуртавии ӯ дар низоми суғуртаи ҳатмии нафақавӣ гузошташуда ҳосил шудааст, ҷамъ карда мешавад, на ба маблағе, ки аз рӯи меъёри камтарин муқаррар шудааст.

103. Дар ҳама ҳолат, андозаи қисми суғуртавии нафақаи суғуртавии пас аз бозҳисобӣ муайяншуда вобаста аз намуди нафақаи суғуртавӣ бояд аз меъёрҳои камтарине, ки дар моддаҳои 22 ва 25 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» пешбинӣ шудаанд, кам набошад.

104. Қисми захиравии нафақаи суғуртавӣ аз рӯи синну сол, аз ҷумла нафақаи суғуртавӣ аз рӯи синну сол бо истифодаи имтиёзҳо, ки аз ҳисоби саҳмҳои суғуртавӣ пас аз таъини ибтидоии нафақа дар қисми махсуси суратҳисоби инфиродии нафақагири барои бозҳисобӣ муроҷиаткунанда ташаккул ёфтааст, бо тартиби муқарраршуда ҳисоб ва якваққта пурра пардохт карда мешавад.

105. Барои гирандагони нафақаи суғуртавӣ аз рӯи маъюбӣ бошад, қисми захиравии нафақаи суғуртавӣ аз рӯи маъюбӣ баъд аз расидан ба синни умумимуқарраршудаи нафақавӣ бо тартиби дар бандҳои 47, 48, 49 ва 51 Тартиби мазкур баёнгардида, ҳисоб ва муқаррар ё дар шакли якдафъаина пардохт карда мешавад.

106. Бозҳисобии андозаи нафақаҳои суғуртавӣ мувофиқи муқаррароти қисми 4 моддаи 46 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» бинобар аз ҷониби нафақагир идома додани фаъолияти меҳнатӣ ва пардохт намудани саҳмҳои суғуртавӣ (ё барои ӯ) пас аз таъини нафақа, як маротиба баъди қатъ намудани фаъолияти меҳнатӣ аз рӯзи якуми моҳи пас аз моҳе, ки дар он ариза ва ҳуҷҷатҳои зарурӣ ба раёсати (шуъбаи) Агентии

суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри (ноҳияи) ҷойи қайди асноди нафақавии нафақагир пешниҳод шудааст, амалӣ карда мешавад.

107. Далели қатъ шудани фаъолияти меҳнатии нафақагир бо пешниҳоди асли дафтарчаи меҳнатӣ, ки дар он сабти чунин ҳолат вуҷуд дорад, тасдиқ карда мешавад. Далели қатъ гардидани фаъолияти соҳибкори инфиродӣ ва аъзои хоҷагии деҳқонӣ бошад, бо маълумотномаи мақомоти андоз, ки дар он давраи қатъ гардидани фаъолияти соҳибкор ё аъзои хоҷагии деҳқонӣ нишон дода шудааст, тасдиқ карда мешавад.

108. Бозҳисобии андозаи нафақаҳои суғуртавӣ бинобар аз ҷониби нафақагир идома додани фаъолияти меҳнатӣ ва пардохт намудани саҳмҳои суғуртавӣ (ё барои ӯ) пас аз таъини нафақа дар сурате, амалӣ карда мешавад, ки нафақагир на камтар аз 24 моҳ фаъолияти меҳнатиашро идома дода бошад.

109. Барои бозҳисобӣ кардани андозаи нафақаи суғуртавӣ бинобар идома додани фаъолияти меҳнатӣ ва пардохт намудани саҳмҳои суғуртавӣ (ё барои ӯ) пас аз таъини нафақа бо тартиби муқаррарнамудани параграфи 2 Фасли 3 Тартиби мазкур аз маркази минтақавии баҳисобгирии инфиродии ҷойи фаъолияти меҳнатии нафақагир пас аз таъини нафақа, ҷиҳати пешниҳод намудани маълумот дар бораи музди меҳнат ва даромади шахси суғурташуда ва андозаи маблағҳои андӯхти нафақавии ӯ, ки дар суратҳисоби инфиродиаш пас аз таъини нафақа инъикос гардидаанд, аз маркази минтақавии баҳисобгирии инфиродии дахлдор аз рӯи шакли муқарраршуда дархост карда мешавад.

110. Бозҳисобии андозаи нафақаҳои суғуртавӣ бинобар аз ҷониби нафақагир идома додани фаъолияти меҳнатӣ ва пардохт намудани саҳмҳои суғуртавӣ (ё барои ӯ) пас аз таъини нафақа, аз 1 январи соли 2017 амалӣ карда мешавад.

111. Барои бозҳисобӣ ва аз як намуд ба намуди дигар гузаронидани нафақаҳои суғуртавӣ низ бо тартиби муқаррарнамудани параграфи 2 Фасли 3 Тартиби мазкур варақаи ҳисоби андозаи нафақаи суғуртавӣ ба расмият даровардa шуда, қарори дахлдор қабул карда мешавад.

## ФАСЛИ 4. ТАРТИБИ ТАЪИН ВА ПАРДОХТИ НАФАҚАҲОИ ИҶТИМОӢ

### §1. ТАРТИБИ ТАЪИНИ НАФАҚАИ ИҶТИМОӢ АЗ РӮИ СИННУ СОЛ

112. Нафақаи иҷтимоӣ аз рӯи синну сол ба мардҳое, ки ба синни 63 ва занҳое, ки ба синни 58 расидаанд ва ба нафақаи суғуртавӣ ҳуқуқ надоранд, таъин карда мешавад.

113. Ба шахсоне, ки дар ноҳияи Мурғоби Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон доимӣ истиқомат мекунанд, нафақаи иҷтимоӣ аз рӯи синну сол ба мардҳо ҳангоми расидан ба синни 53 ва ба занҳо ҳангоми расидан ба синни 48 таъин карда мешавад.

114. Нафақаи иҷтимоӣ аз рӯи синну сол аз рӯзи ҳуқуқ пайдо намудан ба нафақа, яъне расидан ба синну соли муқарраршудаи нафақавӣ таъин карда мешавад, агар муроҷиат барои таъини нафақа на дертар аз се моҳ пас аз пайдо намудани ҳуқуқ ба нафақа сурат гирифта бошад. Дар сурате, ки аз рӯзи ҳуқуқ пайдо намудан ба нафақа зиёда аз се моҳ гузашта бошад, нафақаи иҷтимоӣ аз рӯи синну сол аз рӯзи муроҷиат таъин карда мешавад.

115. Нафақаи иҷтимоӣ аз рӯи синну сол ба андозаи 60 фоизи нафақаи заминавӣ, ки аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидааст, таъин карда мешавад.

116. Нафақаи иҷтимоӣ аз рӯи синну сол якумра таъин карда мешавад, агар нафақагир ба дигар асосҳо ба дигар намудҳои нафақа ҳуқуқ пайдо накунад.

117. Ба шахсоне, ки ба онҳо нафақаи иҷтимоӣ аз рӯи синну сол таъин карда мешавад, аммо дар қисми махсуси суратҳисоби инфиродиашон саҳмҳои андӯхтшудаи нафақавӣ доранд, маблағи онҳо бо тартиби муайянгардида ҳисоб ва пардохт карда мешавад.

### §2. ТАРТИБИ ТАЪИНИ НАФАҚАИ ИҶТИМОӢ АЗ РӮИ МАЪЮБӢ

118. Нафақаи иҷтимоӣ аз рӯи маъюбӣ ба маъюбони гурӯҳҳои I, II ва ё III, аз ҷумла маъюбон аз овони кӯдакӣ, ки

ба нафақаи суғуртавӣ ҳуқуқ надоранд, инчунин кӯдакони маъюби то синни 18-сола таъин карда мешавад.

119. Нафақаи иҷтимоӣ аз рӯи маъюбӣ дар асоси маълумотномаи мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба ташхиси тиббию иҷтимоӣ таъин карда мешавад.

120. Нафақаи иҷтимоӣ аз рӯи маъюбӣ аз рӯзи муқаррар гардидани гурӯҳи маъюбӣ, ки онро мақомоти ваколатдори давлатӣ муайян намудааст, таъин карда мешавад, агар муроҷиат на дертар аз се моҳ аз рӯзи муқаррар гардидани маъюбӣ сурат гирифта бошад. Дар сурате, ки аз рӯзи муқаррар гардидани маъюбӣ зиёда аз се моҳ гузашта бошад, нафақаи иҷтимоӣ аз рӯи маъюбӣ аз рӯзи муроҷиат таъин карда мешавад.

121. Нафақаи иҷтимоӣ аз рӯи маъюбӣ ба андозаи 100 фоизи нафақаи заминавӣ ба шахсони зерин таъин карда мешавад:

- ба маъюбони гурӯҳи I;
- ба маъюбони гурӯҳҳои I ва II аз овони кӯдакӣ;
- ба кӯдакони маъюби то синни 18-сола;
- ба маъюбони гурӯҳҳои I ва II дар натиҷаи осеби ҳарбӣ ба хизматчиёни ҳарбие, ки хизмати ҳарбиро аз рӯи даъват адо намудаанд.

122. Нафақаи иҷтимоӣ аз рӯи маъюбӣ ба андозаи 60 фоизи нафақаи заминавӣ ба шахсони зерин таъин карда мешавад:

- ба маъюбони гурӯҳҳои II ва III;
- ба маъюбони гурӯҳи III аз овони кӯдакӣ.

123. Ба маъюбони гурӯҳи III дар натиҷаи осеби ҳарбӣ ба хизматчиёни ҳарбие, ки хизмати ҳарбиро аз рӯи даъват адо намудаанд, нафақаи иҷтимоӣ аз рӯи маъюбӣ ба андозаи 80 фоизи нафақаи заминавӣ таъин карда мешавад.

124. Нафақаи иҷтимоӣ аз рӯи маъюбӣ барои давраи корношоямии шахс, ки мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба ташхиси тиббию иҷтимоӣ муқаррар намудааст, таъин карда мешавад.

125. Ба шахсоне, ки ба онҳо нафақаи иҷтимоӣ аз рӯи маъюбӣ таъин карда мешавад, аммо дар қисми махсуси суратҳисоби инфиродиашон саҳмҳои андӯхтшудаи нафақавӣ доранд, маблағи онҳо ҳангоми расидан ба синни умумимуқарраршудаи нафақавӣ бо тартиби муайянгардида

ҳисоб ва пардохт карда мешавад, агар дар он давра ба нафақаи суғуртавӣ ва қисми захиравии он ҳуқуқ пайдо накунанд.

## §3. ТАРТИБИ ТАЪИНИ НАФАҚАИ ИҶТИМОӢ АЗ РӮИ МАҲРУМ ШУДАН АЗ САРОБОН

126. Нафақаи иҷтимоӣ аз рӯи маҳрум шудан аз саробон ба кӯдаконе, ки то синни 18-солагӣ (барои донишҷӯёни муассисаҳои таълимии шакли рӯзона то синни 23-солагӣ) аз як (падар ё модар) ё ҳарду (падар ва модар) саробон маҳрум шудаанд ва мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» ба нафақаи суғуртавӣ аз рӯи маҳрум шудан аз саробон аз рӯи собиқаи суғуртавии саробон ҳуқуқ надоранд, таъин карда мешавад.

127. Нафақаи иҷтимоӣ аз рӯи маҳрум шудан аз саробон аз рӯзи пайдо намудани ҳуқуқ ба чунин нафақа, яъне аз рӯзи фавти саробон таъин карда мешавад, агар муроҷиат на дертар аз 6 моҳи баъди фавти саробон сурат гирифта бошад. Дар сурате, ки аз рӯзи фавти саробон зиёда аз 6 моҳ гузашта бошад, нафақаи иҷтимоӣ аз рӯи маҳрум аз саробон аз рӯзи муроҷиат таъин карда мешавад.

128. Нафақаи иҷтимоӣ аз рӯи маҳрум шудан аз саробон, ки бинобар бе ному нишон гум шудани саробон таъин мегардад, аз рӯзи бе ному нишон гумшуда эътироф гардидани саробон аз ҷониби мақомоти ваколатдор, таъин карда мешавад, агар муроҷиат на дертар аз 6 моҳ аз рӯзи бе ному нишон гумшуда эътироф гардидани саробон сурат гирифта бошад. Дар сурате, ки аз рӯзи бе ному нишон гумшуда эътироф гардидани саробон зиёда аз 6 моҳ гузашта бошад, дар ин маврид нафақаи иҷтимоӣ аз рӯи маҳрум аз саробон аз рӯзи муроҷиат таъин карда мешавад.

129. Нафақаи иҷтимоӣ аз рӯи маҳрум шудан аз саробон ба андозаҳои зерин таъин карда мешаванд:

- ба кӯдакони то 18-сола, ки аз падар ё модар маҳрум шудаанд (донишҷӯёни муассисаҳои таълимии шакли рӯзона - то хатми таълимгоҳҳои мазкур, вале на калонтар аз синни 23), барои як кӯдак - 60 фоиз, барои ду кӯдак - 90 фоиз, барои се ва зиёда аз он кӯдак - 120 фоизи андозаи нафақаи заминавии муқарраргардида;

- ба кӯдаконе, ки аз падару модар маҳрум шудаанд (донишҷӯёни муассисаҳои таълимии шакли рӯзона - то хатми таълимгоҳҳои мазкур, вале на калонтар аз синни 23), барои як кӯдак - 100 фоиз, барои ду кӯдак - 150 фоиз, барои се ва зиёда аз он кӯдак - 200 фоизи андозаи нафақаи заминавии муқаррargардида;

- нафақаи иҷтимоӣ бо сабаби маҳрум шудан аз саробон ба ҳар як узви ғайриқобили меҳнати оилаи хизматчии ҳарбии фавтида, ки хизмати ҳарбиро аз рӯи даъват адо намудааст, ба андозаи 100 фоизи нафақаи заминавии муқарраршуда таъин карда мешавад.

130. Нафақаи иҷтимоӣ аз рӯи маҳрум шудан аз саробон барои даврае, ки тӯли он аъзои оилаи саробони фавтида корношоям дониста мешавад ва аз рӯи шарт ва муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» ба нафақа барои маҳрум шудан аз саробон ҳуқуқ дорад, таъин карда мешавад.

131. Нафақаи иҷтимоӣ барои маҳрум шудан аз саробон ба аъзои оила, ки дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна мехонанд, аммо синнашон аз 18 гузаштааст, қатъ карда мешавад.

132. Дар сурате, ки аъзои оила пас аз расидан ба синни 18 ва хатми муассисаи таълимии таҳсилоти миёна ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ (шакли рӯзонаи таҳсил) дохил шавад, нафақаи иҷтимоӣ аз рӯи маҳрум шудан аз саробон дар асоси маълумотномаи тасдиқкунандаи ин муассисаҳо аз рӯзи донишҷӯ шудани он таъин (барқарор) ва пардохт карда мешавад, агар маълумотнома дар давраи на дертар аз 1 моҳ пас оғози соли таҳсил пешниҳод шуда бошад. Дар дигар ҳолатҳо нафақаи иҷтимоӣ аз рӯи маҳрум шудан аз саробон аз рӯзи пешниҳоди маълумотномаи тасдиқкунандаи муассисаҳои дар боло зикршуда таъин (барқарор) ва пардохт карда мешавад.

133. Нафақагироне, ки ба онҳо барои аъзои оилаи дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ (шакли рӯзонаи таҳсил) таҳсилдошта нафақаи иҷтимоӣ аз рӯи маҳрум шудан аз саробон таъин гардидааст, вазифадоранд, ки барои тасдиқи таҳсил дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ (шакли рӯзонаи таҳсил) дар як сол ду маротиба - ба ҳолати 1 сентябр ва

1 март аз муассисаи таълимӣ маълумотнома пешниҳод намоянд.

134. Дар сурати пешниҳод нагардидани чунин маълумотнома пардохти нафақаи иҷтимоӣ аз рӯи маҳрум шудан аз саробон ба чунин аъзои оила дар мӯҳлатҳои зикршуда то пешниҳод шудани маълумотнома қатъ карда мешавад.

135. Пас аз пешниҳод гардидани маълумотнома аз муассисаи таълимӣ дар мӯҳлати то 1 моҳ (30 сентябр ва 31 март) нафақаи иҷтимоӣ аз рӯи маҳрум шудан аз саробон аз рӯзи қатъ гардидани он барқарор ва пардохт карда мешавад. Дар сурати пешниҳоди маълумотнома дар мӯҳлати дертар аз 1 моҳ, нафақа аз рӯи муроҷиат барқарор ва пардохт карда мешавад.

136. Ба шахсоне, ки ба онҳо нафақаи иҷтимоӣ аз рӯи маҳрум шудан аз саробон таъин карда мешавад, аммо дар қисми махсуси суратҳисоби инфиродии саробони фавтида саҳмҳои андӯхтшудаи нафақавӣ мавҷуд мебошанд, маблағи мазкур бо тартиби муайянгардида ҳисоб ва яквақта пурра пардохт карда мешавад.

## §4. ТАРТИБИ БОЗҲИСОБИИ НАФАҚАҲОИ ИҶТИМОӢ

137. Нафақаҳои иҷтимоӣ дар ҳолатҳои ба намуди дигари нафақаи иҷтимоӣ гузаштан, тағйир ёфтани гурӯҳи маъюбӣ, тағйир ёфтани теъдоди аъзои ғайриқобили меҳнати оила, ки нафақаи иҷтимоӣ аз рӯи маҳрум шудан аз саробон мегиранд, дар мӯҳлатҳо ва бо тартиби зерин бозҳисобӣ карда мешаванд:

- дар ҳолати пайдо шудани ҳуқуқ барои баланд бардоштани нафақа - аз рӯзи якуми моҳе, ки нафақагир барои бозҳисобии нафақа расман ба раёсати (шӯъбаи) Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри (ноҳияи) ҷойи қайди асноди нафақавиаш муроҷиат намудааст, аммо на пештар аз рӯзе, ки ба бозҳисобии нафақа ҳуқуқ пайдо намудааст;

- ҳангоми ба амал омадани ҳолате, ки дар натиҷаи он андозаи нафақа кам мешавад, – аз рӯзи якуми моҳи баъди моҳи ба амал омадани чунин ҳолат бе аризаи нафақагир дар

сурати расидани ҳолатҳое, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» пешбинӣ менамоянд ва асос барои кам кардани андозаи нафақа мегарданд.

138. Ҳангоми тағйир ёфтани гурӯҳи маъюбӣ, ки сабаби зиёд гардидани андозаи нафақаи иҷтимоӣ мегардад, нафақа ба андозаи нав аз рӯзи тағйир ёфтани гурӯҳи маъюбӣ пардохт карда мешавад.

139. Муқаррароти дар бандҳои 137 ва 138 Тартиби мазкур пешбинигардида нисбати нафақаҳои иҷтимоӣ аз рӯи маъюбӣ дар ҳолатҳое татбиқ карда мешавад, ки дар давраи маъюбӣ фосила пайдо нашуда бошад.

140. Аз нав барқарор намудани пардохти нафақаи иҷтимоӣ аз рӯи маъюбӣ дар сурати пайдоиши фосила дар давраи маъюбӣ бо тартиб зерин амалӣ карда мешавад:

- дар ҳолате, ки аз давраи ба охир расидани мӯҳлати эътибори маъюбӣ то рӯзи боздиди такрорӣ на зиёда аз 1 моҳ гузашта бошад, – нафақа аз рӯзи ба охир расидани мӯҳлати эътибори маъюбӣ аз рӯи гурӯҳи маъюбии зимни боздиди такрорӣ муқарраршуда пардохт карда мешавад, агар муроҷиат ва пешниҳоди маълумотномаи тасдиққунанда ба раёсати (шӯъбаи) Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри (ноҳияи) ҷойи истиқомат дар мӯҳлати на дертар аз 3 моҳ пас аз рӯзи боздиди такрорӣ сурат гирифта бошад;

- дар сурате, ки аз давраи ба охир расидани мӯҳлати эътибори маъюбӣ то рӯзи боздиди такрорӣ зиёда аз 1 моҳ нагузашта бошад, аммо муроҷиат пас аз 3 моҳи баъд аз рӯзи боздиди такрорӣ сурат гирифта бошад, – нафақа аз рӯзи муроҷиат ва пешниҳоди маълумотномаи тасдиққунанда ба раёсати (шуъбаи) Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри (ноҳияи) ҷойи истиқомат пардохт карда мешавад;

- дар мавриде, ки аз давраи ба охир расидани мӯҳлати эътибори маъюбӣ то рӯзи боздиди такрорӣ зиёда аз 1 моҳ гузашта бошад, – нафақа аз рӯзи муроҷиат ва пешниҳоди маълумотномаи тасдиққунанда ба раёсати (шуъбаи) Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри (ноҳияи) ҷойи истиқомат пардохт карда мешавад;

- дар ҳолате, ки маъюбӣ бо мақсади омӯзиш, санҷиш, таҳлили дурустӣ ва дигар ҳолатҳои вобаста ба таъмини шаффофияти дурустии муқаррар гардидани маъюбӣ дар асоси санади расмии мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба ташхиси тиббию иҷтимоӣ муваққатан боздошт карда шудааст, - пас аз тасдиқ гардидани маъюбӣ, ба дигар гурӯҳи маъюбӣ гузаронидан ё ба дигар намуди нафақа гузаронидан, нафақа барои давраи муваққатан боздоштгардида аз рӯи гурӯҳи маъюбии то боздиди такрорӣ муқарраргардида пурра ҳисоб ва пардохт карда мешавад, агар дар маълумотномаи расмии мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба ташхиси тиббию иҷтимоӣ мӯҳлати дигаре муқаррар нагардида бошад.

141. Гузаронидан аз як намуди нафақаи иҷтимоӣ ба намуди дигари он аз рӯзи якуми моҳи баъди моҳе, ки дар он мурочиат барои гузаронидан аз як намуди нафақа ба намуди дигари он ба раёсати (шуъбаи) Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри (ноҳияи) ҷойи қайди нафақагир ворид шудааст, амалӣ карда мешавад.

## ФАСЛИ 4. ТАРТИБИ МУҚАРРАР НАМУДАНИ ИЛОВАПУЛӢ БА НАФАҚАҲОИ СУҒУРТАВӢ ВА ИҶТИМОӢ

142. Ба нафақаҳои суғуртавӣ ва иҷтимоӣ вобаста аз талабот ва ҳолатҳои пешбининамудаи моддаи 39 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ ба андозаҳои зерин иловапулӣ муқаррар карда мешавад:

а) ба андозаи 150 фоизи нафақаи заминавӣ:

- ба иштирокчиён ва маъюбони амалиёти ҷангӣ дар қаламрави давлатҳои дигар;
- ба иштирокчиён ва маъюбони рафъи оқибати садамаи Нерӯгоҳи барқи атомии Чернобил ва минтақаҳои дигари олудагии радиоактивӣ;
- ба маъюбони гурӯҳи I, ки маъюбиашон ҳангоми иҷрои ӯҳдадориҳои хизмати ҳарбӣ аз рӯи даъват фаро расидааст;

б) ба андозаи 100 фоизи нафақаи заминавӣ:

- ба шахсоне, ки дар ноҳияи Мурғоби Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон доимӣ истиқомат мекунанд;

- ба шахсоне, ки на камтар аз 15 сол собиқаи хизмати давлатӣ доранд;

в) ба андозаи 50 фоизи нафақаи заминавӣ:

- ба маъюбони гурӯҳи I ва гурӯҳҳои I ва II аз овони кӯдакӣ, ки кор намекунанд;

- кӯдакони маъюби то 18-сола;

- ба маъюбони гурӯҳи II, ки кор намекунанд ва маъюбиашон дар натиҷаи иҷрои ӯҳдадориҳои хизмати ҳарбии даъватӣ ба амал омадааст.

143. Ба шахсоне, ки дар як вақт аз рӯи якчанд асосҳо ба гирифтани чанд намуди иловапулӣ ҳуқуқ доранд, ҳамаи иловапулиҳо муқаррар карда мешаванд.

144. Ба шахсоне, ки дар ноҳияи Мурғоби Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон доимӣ истиқомат мекунанд ва нафақаи суғуртавӣ аз рӯи маҳрум шудан аз саробон ё иҷтимоӣ аз рӯи маҳрум шудан аз саробон мегиранд, иловапулие, ки барои давраи истиқомати доимӣ дар ин минтақа дода мешавад, ба ҳар як аъзои ғайри қобили меҳнати оила муқаррар карда мешавад.

145. Шахсоне, ки бо мукофотҳои давлатӣ сарфароз гардидаанд, мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мукофотҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҳуқуқи гирифтани иловапулӣ ба нафақаҳоро доранд.

146. Барои шахсоне, ки бо мукофотҳои давлатӣ сарфароз гардидаанд ва ба онҳо нафақаи суғуртавӣ таъин карда шудааст, андозаи иловапулӣ барои мукофоти давлатӣ аз рӯи фоизҳои пешбининамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мукофотҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз андозаи қисми суғуртавӣ, ки ба онҳо таъин карда шудааст, ҳисоб ва муқаррар карда мешавад.

147. Барои шахсоне, ки бо мукофотҳои давлатӣ сарфароз гардидаанд ва ба онҳо нафақаи иҷтимоӣ таъин карда шудааст, андозаи иловапулӣ барои мукофоти давлатӣ аз рӯи фоизҳои пешбининамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мукофотҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз ҳаҷми умумии нафақаи иҷтимоӣ бе назардошти иловапулиҳои дигар ҳисоб ва муқаррар карда мешавад.

148. Андозаи иловапулиҳои дар банди 142 Тартиби мазкур пешбинигардида ба истиқоматкунандагони шаҳру ноҳияҳои ВМКБ, шаҳрҳои Роғун ва Норак, ки ба музди меҳнаташон тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон коэффитсиенти ноҳиявӣ муқаррар гардидааст, дар тамоми давраи зиндагӣ дар ин шаҳру ноҳияҳо бо истифодаи коэффитсиенти ноҳиявии муқарраршуда ҳисоб, муқаррар ва пардохт карда мешавад.

149. Дар сурате, ки ба нафақагир аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия, шаҳр ё вилояти ҷойи истиқомат аз ҳисоби маблағҳои буҷети маҳаллӣ иловапулӣ ба нафақа муқаррар шуда бошад, нусхаи қарори дахлдор дар ин хусус бояд дар асноди нафақавӣ нигоҳ дошта шавад ва маблағгузории ҳармоҳаи он қатъиян назорат карда шавад.

## ФАСЛИ 5. ТАРТИБИ ПАРДОХТИ НАФАҚАҲОИ СУҒУРТАВӢ ВА ИҶТИМОӢ

150. Нафақаҳои суғуртавӣ ва иҷтимоӣ бо тартиби муқарраргнамудаи моддаи 48 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» ва тибқи дастурамалҳои муштараки байни Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» пардохт карда мешаванд.

151. Пардохти нафақа ба кӯдаконе, ки дар таъминоти пурраи давлатӣ мебошанд ва нафақагироне, ки дар муассисаҳои давлатии статсионарии хизматрасонии иҷтимоӣ дар таъминоти пурра давлатӣ мебошанд, аз рӯи меъёрҳое, ки тибқи моддаи 48 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» муқаррар карда шудааст, бо тартибе, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардидааст, пардохт карда мешавад.

152. Ба нафақагироне, ки дар муассисаҳои ислоҳӣ қарор доранд, нафақа ба андозаи пурра бо тартибе, ки аз ҷониби Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардидааст, пардохт карда мешавад.

153. Пардохти нафақаи иҷтимоӣ ба нафақагироне, ки берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои истиқомати доимӣ мераванд, дар асоси аризаи ӯ ва пешниҳоди хабарнома дар бораи кӯч бастанаш аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби муқаррарнамудаи моддаи 50 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» якбора барои шаш моҳи оянда пардохт карда шуда, баъди он қатъ карда мешавад.

154. Пардохти нафақаҳои суғуртавӣ ба нафақагироне, ки берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои истиқомати доимӣ мераванд, бо тартибе, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст, амалӣ карда мешавад.

155. Нафақаҳо барои моҳи гузашта то 20-уми моҳи навбатӣ аз рӯи реҷае, ки аз ҷониби Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мувофиқа бо Раёсати Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» муайян ва тасдиқ карда шудааст, маблағгузорӣ ва пардохт карда мешавад.

## ФАСЛИ 6. ТАРТИБИ МУВАҚҚАТАН БОЗДОШТ НАМУДАНИ ПАРДОХТИ НАФАҚАҲОИ СУҒУРТАВӢ ВА ИҶТИМОӢ ВА БОЗДОШТ АЗ МАБЛАҒИ НАФАҚАҲОИ ТАЪИНГАРДИДА

156. Мувофиқи муқаррароти қисмҳои 8, 9 ва 10 моддаи 48 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» пардохти нафақаҳои суғуртавӣ ва иҷтимоӣ метавонанд бо қарори раёсати (шуъбаи) Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳр (ноҳия) ё қарори суд дар ҳолатҳои зерин то муайян намудани ҳолатҳои бавуқӯъомада боздошт карда шавад:

- таъини нафақа дар асоси ҳуҷҷатҳои дорои маълумоти носаҳеҳ;
- нагирифтани нафақаи ба номи нафақагир гузаронидашуда дар мӯҳлати зиёда аз шаш моҳ;
- фавти нафақагир.

157. Пардохти нафақа ҳангоми фавти нафақагир дар асоси маълумоти мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ,

ки бо тартиби муқаррарнамудаи Фармоиши муштараки Директори Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июни соли 2015, №64, Вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июни соли 2015, №95 ва Раиси Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» аз 22 июни соли 2015, №112 «Оид ба тасдиқи Тартиби мубодилаи иттилоот дар бораи бақайдгирии давлатии вафоти шаҳрвандон байни Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» ба раёсати (шуъбаи) Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри (ноҳияи) ҷойи истиқомати нафақагир аз рӯи шакли муқарраршуда пешниҳод мегардад, қатъ карда мешавад.

158. Маблағи нафақаи нафақагир, ки бо сабаби фавти ӯ пардохт нагардидааст, то рӯзи вафоташ аз ҷониби раёсати (шуъбаи) Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри (ноҳияи) ҷойи истиқомати нафақагир ҳисоб карда шуда, ба аъзои оилаи ӯ, ки якҷоя бо нафақагир зиндагӣ мекард, пардохт карда мешавад.

159. Дар сурати набудани аъзои оила, ки бо нафақагир якҷоя зиндагӣ мекарданд, маблағи пардохтанашудаи нафақа бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ворисонаш пардохт карда мешаванд.

160. Дар сурати набудани ворисон маблағи нопардохтаи нафақа ба суратҳисоби Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад.

161. Дар ҳолатҳое, ки пардохти нафақаи таъингардида бо сабаби ошкор гардидани маълумоти носаҳеҳ ё нагирифтани нафақаи ба номи нафақагир гузаронидашуда дар мӯҳлати зиёда аз шаш моҳ боздошта мешавад, раёсати (шуъбаи) Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳре (ноҳияе), ки чунин амалро анҷом медиҳад, вазифадор аст, ки нафақагирро дар ин хусус расман огоҳ намояд.

162. Мувофиқи муқаррароти моддаи 49 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» аз нафақаи таъингардида метавонад дар асоси санадҳои судӣ (дар қисмати ситонидани молу мулк), муқаррароти идораҳои нотариалӣ ва дигар қарорҳое, ки мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби барои иҷрои қарорҳои суд муқарраргардида ба иҷро мерасанд, ҳиссаи муайян боздошт карда шавад.

163. Андозаи боздошти нафақа аз маблағи ба нафақагир барои пардохт ҳисобкардашуда, аз рӯи фоизе, ки дар асоси санади дахлдор муқаррар карда шудааст, ҳисоб карда мешавад.

164. Барои таъмини аъзои оила (алиментҳо), ҷуброни зарари ба молу мулки ташкилоту корхонаҳо, маъюб кардан ё дигар хел осеб расонидан ба саломатӣ, инчунин бо сабаби фавти саробон, дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бозгардонидани маблағи зиёдгирифта на бештар аз 50 фоизи нафақа боздошт шуда метавонад.

165. Дар тамоми ҳолатҳои дар боло зикршуда барои нафақагир на камтар аз 50 фоизи нафақааш мононда мешавад.

166. Дар асоси қарори раёсати (шуъбаи) Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳрҳо (ноҳияҳо) дар ҳолатҳое, ки аз ҷониби нафақагир маълумоти нодуруст ва қалбакӣ пешниҳод шудааст ё маълумоти зарурӣ, ки дар андозаи нафақаи пардохтшаванда таъсир мерасонад, сари вақт пешниҳод нашудааст ва ин боиси барзиёд пардохт гардидани нафақа ба ӯ шудааст, ба андозаи 20 фоиз барои барқарор намудани маблағи барзиёд пардохтшуда боздошт карда шавад.

167. Ба ғайр аз ҳолатҳои дар боло зикршуда боздошт аз маблағи нафақаи таъингардидаи нафақагир манъ аст.

## ФАСЛИ 7. МУҚАРРАРОТИ ГУЗАРИШӢ

168. Тибқи муқаррароти моддаи 59 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» дар давраи то 1 январи соли 2017 ба шахсони зерин, ки барои

таъини нафақаи меҳнатӣ аз рӯи синну сол муроҷиат менамоянд, нафақа дар асоси шарт ва меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» таъин карда мешавад:

- ба мардҳое, ки то 1 январи соли 1954 ва занҳое, ки то 1 январи соли 1959 таваллуд шудаанд;
- ба мардҳое, ки то 1 январи соли 1959 ва занҳое, ки то 1 январи соли 1964 таваллуд шудаанд ва дар ноҳияи Мурғоби ВМКБ кор кардаанд;
- ба мардҳое, ки то 1 январи соли 1964 ва занҳое, ки то 1 январи соли 1969 таваллуд шудаанд ва дар ноҳияи Мурғоби ВМКБ кор кардаанд ва ба таври доимӣ истиқомат мекунанд;
- шахсоне, ки бо сабаби фаъолият дар корҳои дорои шароити махсуси меҳнат ба нафақаҳои имтиёзнок аз рӯи синну сол ва барои хизмати дарозмуддат ҳуқуқ пайдо кардаанд.

169. Ба нафақагироне, ки ба онҳо дар асоси муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» нафақа таъин гардидааст, шурӯъ аз 1 сентябри соли 2015 дар сурати муроҷиат намудан барои бозҳисобии нафақа аз рӯи музди меҳнати баландтар нафақаи онҳо бо риояи талаботи моддаи 78 Қонуни мазкур бозҳисобӣ карда мешавад. Зимнан барои нафақагироне, ки нафақаашон дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 августи соли 2013, №343 «Дар бораи Дастурамал оид ба тартиби индексатсияи нафақаҳои суғуртавӣ ва меҳнатӣ» бозҳисобӣ гардидааст, бозҳисобии навбатӣ пас аз 24 моҳи пурраи пай дар пай пас аз рӯзи бозҳисобии охирин амалӣ карда мешавад.

170. Ба нафақагирони зерин, ки шурӯъ аз 1 сентябри соли 2015 барои гузаштан ба нафақа аз рӯи синну сол муроҷиат менамоянд, нафақа аз рӯи синну сол дар асоси шарт ва меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» таъин карда мешавад:

- мардҳое, ки то 1 январи соли 1954 ва занҳое, ки то 1 январи соли 1959 таваллуд шудаанд;
- мардҳое, ки то 1 январи соли 1959 ва занҳое, ки то 1 январи соли 1964 таваллуд шудаанд ва дар ноҳияи Мурғоби ВМКБ кор кардаанд;

- мардҳое, ки то 1 январи соли 1964 ва занҳое, ки то 1 январи соли 1969 таваллуд шудаанд ва дар ноҳияи Мурғоби ВМКБ кор кардаанд ва ба таври доимӣ истиқомат мекунанд.

171. Ба занҳое, ки 5 ва зиёда аз он кӯдак таваллуд карда, онҳоро то ба синни 8 тарбия намудаанд ё кӯдаки маъюб доранд ва ӯро низ то ин синну сол тарбия намудаанд ва дар давраи то 1 январи соли 1959 таваллуд шудаанд, дар сурати муроҷиат барои таъини нафақа аз рӯи синну сол бо истифодаи имтиёз нафақа дар асоси шарт ва меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» таъин карда мешавад.

172. Занҳое, ки дар ноҳияи Мурғоби Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон кор ва доимӣ истиқомат карда, 5 ва зиёда аз он кӯдак таваллуд карда, онҳоро то ба синни 8 тарбия намудаанд ё кӯдаки маъюб дошта, ӯро низ то ин синну сол тарбия намудаанд ва дар давраи то 1 январи соли 1969 таваллуд шудаанд, дар сурати муроҷиат барои таъини нафақа аз рӯи синну сол бо истифодаи имтиёз, нафақа дар асоси шарт ва меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» таъин карда мешавад.

173. Нафақаи суғуртавӣ аз рӯи маҳрум шудан аз саробон, ки саробони фавтида то рӯзи вафот дар асоси шарт ва меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» нафақа мегирифт, андозаи нафақа аз рӯи ҳуқуқҳои нафақавии саробони фавтида дар асоси шарт ва меъёрҳои муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» аз нав ҳисоб ва ба аъзои ғайри қобили меҳнатӣ оилаи ӯ, ки ҳуқуқи гирифтани чунин нафақаро доранд, таъин карда мешавад.

174. Нафақа аз рӯи намудҳои дигар, аз ҷумла аз рӯи маъюбӣ ва барои маҳрум шудан аз саробон мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» аз лаҳзаи мавриди амал қарор гирифтанаш таъин карда мешаванд.

175. Ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки баъди 1 январи соли 1954 (мардҳо) ва баъди 1 январи соли 1959 (занҳо) таваллуд ёфтаанд, инчунин мардҳое, ки баъди 1

январи соли 1964 ва занҳое, ки баъди 1 январи соли 1969 таваллуд шуда, дар ноҳияи Мурғоби ВМКБ кор кардаанд ва ба таври доимӣ истиқомат мекунанд, тамоми намудҳои нафақа тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» таъин карда мешавад.

176. Меъёрҳои муайянгардидаи андозаи камтарини нафақаҳои суғуртавӣ, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» муқаррар намудааст ва аз 1 сентябри соли 2015 мавриди амал қарор дода шуданд, нисбати нафақаҳои суғуртавӣ, ки аз 1 январи соли 2013 то 31 августи соли 2015 таъин гардиданд, низ аз рӯзи мавриди амал қарор гирифтани ин меъёрҳо, яъне аз 1 сентябри соли 2015 инҷониб татбиқ карда мешаванд.

177. Меъёрҳои муайянгардидаи андозаи нафақаҳои иҷтимоӣ аз рӯи маъюбӣ ва аз рӯи маҳрум шудан аз саробон, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» муқаррар намудааст ва аз 1 сентябри соли 2015 мавриди амал қарор дода шуданд, нисбати чунин нафақаҳои иҷтимоӣ, ки аз 1 январи соли 2013 то 31 августи соли 2015 таъин гардиданд, низ аз рӯзи мавриди амал қарор гирифтани ин меъёрҳо, яъне аз 1 сентябри соли 2015 инҷониб татбиқ карда мешаванд.

178. Нафақагироне, ки ба онҳо дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» нафақаи суғуртавӣ ё иҷтимоӣ таъин карда шудааст ва ба онҳо тибқи талаботи моддаи 39 Қонуни мазкур иловапулӣ муқаррар гардидааст, аз 1 сентябри соли 2015 иловапулиҳои муқарраргардида аз рӯи андозаҳои нав аз сари нав бозҳисобӣ карда мешаванд. Зимнан категорияи нафақагироне, ки аз 1 сентябри соли 2015 ба гирифтани иловапулӣ ҳуқуқ пайдо намуданд ё бинобар тағйир ёфтани шартҳои муқаррар намудани иловапулӣ ҳуқуқи гирифтани иловапулиро аз даст доданд, нафақаашон аз нав ҳисоб карда шуда, аз 1 сентябри соли 2015 андозаи нав муқаррар карда мешавад.

## ФАСЛИ 8. МАСЪУЛИЯТ БАРОИ ДУРУСТ ҲИСОБ, ТАЪИН ВА ПАРДОХТ КАРДАНИ НАФАҚАҲОИ СУҒУРТАВӢ ВА ИҶТИМОӢ

179. Барои дуруст ҳисоб, таъин ва пардохт кардани нафақаҳои суғуртавӣ ва иҷтимоӣ шахсони зерини раёсатҳои (шуъбаҳои) Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳру ноҳияҳо масъул буда, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгар мебошанд:

- сардори Раёсати (шуъбаи) Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳр (ноҳия);
- сардори Шуъбаи (бахши) таъиноти нафақаи Раёсати (шуъбаи) Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳр (ноҳия);
- мутахассиси Шуъбаи (бахши) таъиноти нафақаи Раёсати (шуъбаи) Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳр (ноҳия), ки андозаи нафақаро ҳисоб намудааст.

180. Барои дурустии ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи пардохти саҳмҳои суғуртавӣ, яъне маълумот дар бораи ба суратҳисоби инфиродии шахси суғурташуда дохил шудани сармояи шартии нафақавӣ шахсони зерини маркази минтақавии баҳисобгирии инфиродии минтақаи ҷойи фаъолияти шахси суғурташуда масъул буда, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгар мебошанд:

- сардори Маркази минтақавии баҳисобгирии инфиродӣ;
- сардорони шуъбаҳои (бахшҳои) бойгонӣ ва андӯхтҳои нафақавии Маркази минтақавии баҳисобгирии инфиродӣ;
- мутахассиси Шуъбаи (бахши) бойгонӣ Маркази минтақавии баҳисобгирии инфиродӣ, ки маълумот дар бораи музди меҳнат (ё даромади) шахси суғурташударо аз рӯи ҳуҷҷатҳои дар бойгонӣ мавҷудбуда омода ва пешниҳод намудааст;
- мутахассиси Шуъбаи (бахши) андӯхтҳои нафақавии Маркази минтақавии баҳисобгирии инфиродӣ, ки маблағи андӯхти нафақавии шахси суғурташударо бо назардошти индексатсия аз рӯи даромад аз ҳисоби сармоягузории онҳо ба ҳолати рӯзи муроҷиат муайян ҳисоб ва муайян намудааст.

## ФАСЛИ 9. НАЗОРАТ АЗ РӮИ ДУРУСТ ҲИСОБ, ТАЪИН ВА ПАРДОХТ КАРДАНИ НАФАҚАҲОИ СУҒУРТАВӢ ВА ИҶТИМОӢ

181. Назорат аз рӯи дуруст ҳисоб ва пардохт намудани нафақаҳои суғуртавӣ ва иҷтимоӣ аз ҷониби воҳидҳои сохтории дахлдори Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки чунин салоҳиятро доранд, инчунин дигар мақомоти давлатӣ, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ваколатдор мебошанд, амалӣ карда мешавад.

Замимаи 2
Бо Фармоиши Директори Агентии
суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 5 феврали соли 2016, №11
тасдиқ гардидааст

# НОМГӮИ ҲУҶҶАТҲОЕ, КИ БАРОИ ТАЪИН, БОЗҲИСОБӢ Ё АЗ ЯК НАМУД БА НАМУДИ ДИГАР ГУЗАРОНИДАНИ НАФАҚАҲОИ СУҒУРТАВӢ ВА ИҶТИМОӢ ПЕШНИҲОД КАРДА МЕШАВАНД

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Номгӯи мазкур ҳуҷҷатҳоеро, ки пешниҳоди онҳо барои таъини нафақаҳои суғуртавӣ ва иҷтимоӣ, аз як намуд ба намуди дигари нафақаи суғуртавӣ ё иҷтимоӣ гузаронидан, инчунин бозҳисобии андозаи нафақаҳои суғуртавӣ ва иҷтимоӣ мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» зарур мебошанд, муайян менамояд.

## 2. ҲУҶҶАТҲОЕ, КИ БАРОИ ТАЪИНИ НАФАҚАҲОИ СУҒУРТАВӢ ПЕШНИҲОД КАРДА МЕШАВАНД

2. Барои таъини нафақаи суғуртавӣ аз рӯи синну сол ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

- ариза аз рӯи шакли муқарраршуда;
- ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият, синну сол, ҷойи истиқомат ва мансубияти шаҳрвандӣ;
- ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи собиқаи корӣ ва собиқаи суғуртавӣ;
- нусхаи шаҳодатнома дар бораи додани рақами мушаххаси суғуртавӣ;
- ҳуҷҷати тасдиқкунандаи маълумоти олӣ ё миёнаи касбӣ;
- маълумотномаи тасдиқкунандаи ҷойи зисти доимӣ;
- ду дона расми 3x4.

3. Барои таъини нафақаи суғуртавӣ аз рӯи синну сол бо истифодаи имтиёзҳо ба ғайр аз ҳуҷҷатҳои дар банди 2 Номгӯи мазкур пешбинигардида, инчунин ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

а) барои таъини нафақа тибқи банди а) моддаи 13 Қонун:

- ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи собиқаи корӣ ва собиқаи суғуртавӣ, ки кор дар ноҳияи Мурғоби Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшонро тасдиқ менамояд;

б) барои таъини нафақа тибқи банди б) моддаи 13 Қонун:

- ҳуҷҷати тасдиққунандаи гирифтори касалиҳои нанизми гипофизарӣ (лилипут) ва паканаи номутаносиб;

в) барои таъини нафақа тибқи банди в) моддаи 13 Қонун:

- ҳуҷҷати тасдиққунандаи маъюбӣ аз рӯи нобиноӣ;

г) барои таъини нафақа тибқи банди г) моддаи 13 Қонун:

- ҳуҷҷати тасдиққунандаи иштирок дар рафъи оқибатҳои садамаи Нерӯгоҳи барқи атомии Чернобил;

д) барои таъини нафақа тибқи бандҳои д) ва е) моддаи 13 Қонун:

- ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда дар бораи таваллуди 5 нафар ё зиёда аз ин кӯдак ва тарбияи онҳо то синни 8-солагӣ;

- агар зан аз рӯи кӯдаки маъюб доштан мурочиат намуда бошад, ҳуҷҷати тасдиққунандаи он, ки кӯдаки маъюби аз овони кӯдакӣ дорад ва онро то синни 8-солагӣ тарбия намудааст.

4. Барои таъини нафақаи суғуртавӣ аз рӯи маъюбӣ ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

- ариза аз рӯи шакли муқарраршуда;

- ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият, синну сол, ҷойи истиқомат ва мансубияти шаҳрвандӣ;

- ҳуҷҷати тасдиққунандаи собиқаи корӣ ва собиқаи суғуртавӣ;

- нусхаи шаҳодатнома дар бораи додани рақами мушаххаси суғуртавӣ;

- ҳуҷҷати тасдиққунандаи маълумоти олӣ ё миёнаи касбӣ;

- маълумотномаи тасдиққунандаи ҷойи зисти доимӣ;

- ҳуҷҷати тасдиққунандаи маъюбӣ;

- ду дона расми 3х4.

5. Барои таъини нафақаи суғуртавӣ аз рӯи маҳрум шудан аз саробон ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

- ариза аз рӯи шакли муқарраршуда;
- ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият, синну сол, ҷойи истиқомат ва мансубияти шаҳрвандии муроҷиаткунанда;
- ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи собиқаи корӣ ва собиқаи суғуртавӣ;
- нусхаи шаҳодатнома дар бораи додани рақами мушаххаси суғуртавӣ ба саробони фавтида;
- ҳуҷҷати тасдиққунандаи маълумоти олӣ ё миёнаи касбии саробони фавтида;
- нусхаи хати вафоти саробон;
- ҳуҷҷати тасдиққунандаи муносибати хешовандии муроҷиаткунанда бо саробони фавтида;
- ҳуҷҷати тасдиққунандаи муносибати хешовандии аъзои ғайри қобили меҳнати оила бо саробони фавтида;
- ҳуҷҷати тасдиққунандаи таҳсили аъзои ғайриқобили меҳнати оила дар муассисаи таълимии таҳсилоти олӣ ё миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (таҳсили рӯзона);
- маълумотномаи тасдиққунандаи ҷойи зисти доимии муроҷиаткунанда;
- ду дона расми 3х4.

6. Дар сурати зарурӣ ба аризаи шахси муроҷиаткунанда барои таъини нафақаи суғуртавӣ аз рӯи маҳрум шудан аз саробон ҳуҷҷатҳои зерин замима карда мешаванд:

- ҳуҷҷати тасдиққунандаи ваколатҳои намояндаи қонунӣ (падархонд ё писархонд, падарандар ё модарандар, васӣ ё парастор);
- вафоти дигар волидайн;
- муқаррар гардидани маъюбӣ ба шахсе, ки барои таъини нафақа муроҷиат намудааст;
- бе ному нишон гум шудани саробон.

## 3. ҲУҶҶАТҲОЕ, КИ БАРОИ ТАЪИНИ НАФАҚАҲОИ ИҶТИМОӢ ПЕШНИҲОД КАРДА МЕШАВАНД

7. Барои таъини нафақаи иҷтимоӣ аз рӯи синну сол ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

- ариза аз рӯи шакли муқарраршуда;

- ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият, синну сол, ҷойи истиқомат ва мансубияти шаҳрвандӣ;

- маълумотномаи тасдиқкунандаи ҷойи зисти доимӣ;

- ду дона расми 3х4.

8. Барои таъини нафақаи иҷтимоӣ аз рӯи маъюбӣ ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

- ариза аз рӯи шакли муқарраршуда;

- ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият, синну сол, ҷойи истиқомат ва мансубияти шаҳрвандӣ;

- маълумотномаи тасдиқкунандаи ҷойи зисти доимӣ;

- ҳуҷҷати тасдиқкунандаи муқаррар гардидани маъюбӣ аз мақомоти ваколатдори давлати оид ба ташхиси тиббию иҷтимоӣ;

- ду дона расми 3х4.

9. Дар сурате, ки нафақаи иҷтимоӣ аз рӯи маъюбӣ ба кӯдакони то синни 16-сола таъин карда шавад, дар ин маврид, ба ариза ба ғайр аз ҳуҷҷатҳои дар банди 8 пешбинигардида, ки барои шахси ба нафақа ҳуқуқдошта пешниҳод гардидаанд, инчунин ҳуҷҷатҳои зерини шахсе, ки асноди нафақавӣ ба номи ӯ ба расмият дароварда мешавад, пешниҳод карда мешаванд:

- ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият, синну сол, ҷойи истиқомат ва мансубияти шаҳрвандӣ;

- маълумотномаи тасдиқкунандаи ҷойи зисти доимӣ;

- ду дона расми 3х4;

- дар сурати зарурӣ ҳуҷҷати тасдиқкунандаи ваколатҳои намояндаи қонунӣ (падархонд ё писархонд, падарандар ё модарандар, васӣ ё парастор).

10. Барои таъини нафақаи иҷтимоӣ аз рӯи маҳрум шудан аз саробон ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

- ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият, синну сол, ҷойи истиқомат ва мансубияти шаҳрвандии муроҷиаткунанда;

- нусхаи хати вафоти саробон;

- маълумот оид ба муносибати хешовандӣ бо саробони фавтида;

- маълумот оид ба муносибати хешовандии аъзои ғайри қобили меҳнати оила бо саробони фавтида;

- маълумот оид ба муносибати хешовандии аъзои оила, ки дар муассисаи таълимии таҳсилоти олӣ ё миёнаи касбии

Ҷумҳурии Тоҷикистон (таҳсили рӯзона) таҳсил менамояд, бо саробони фавтида.

- маълумотномаи тасдиққунандаи ҷойи зисти доимӣ;
- ду дона расми 3х4.

11. Дар сурати зарурӣ ба аризаи шахси мурочиаткунанда барои таъини нафақаи иҷтимоӣ аз рӯи маҳрум шудан аз саробон ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи ин ҳолатҳо низ замима карда мешаванд:

- ваколатҳои намояндаи қонунӣ (падархонд ё писархонд, падарандар ё модарандар, васӣ ё парастор);
- фавти дигар волидайн;
- муқаррар гардидани маъюбӣ ба шахсе, ки барои таъини нафақа мурочиат намудааст;
- бе ному нишон гум шудани саробон.

## 4. ҲУҶҶАТҲОЕ, КИ БАРОИ БОЗҲИСОБӢ Ё АЗ ЯК НАМУД БА НАМУДИ ДИГАР ГУЗАРОНИДАНИ НАФАҚАҲОИ СУҒУРТАВӢ ВА ИҶТИМОӢ ПЕШНИҲОД КАРДА МЕШАВАНД

12. Барои бозҳисобии нафақаҳои суғуртавӣ ва иҷтимоӣ ва аз як намуд ба намуди дигар гузаронидани нафақаҳои суғуртавӣ ва иҷтимоӣ дар баробари ариза инчунин ҳуҷҷатҳое пешниҳод карда мешаванд, ки барои бозҳисобӣ ё аз як намуд ба намуди дигар гузаронидани аз рӯи шартҳои пешбининамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» ҳуқуқ медиҳанд.

## 5. ҲУҶҶАТҲОЕ, КИ БАРОИ МУҚАРРАР НАМУДАНИ ИЛОВАПУЛӢ БА НАФАҚАҲОИ СУҒУРТАВӢ ВА ИҶТИМОӢ ПЕШНИҲОД КАРДА МЕШАВАНД

13. Барои муқаррар намудани иловапулиҳои ба нафақаҳои суғуртавӣ ва иҷтимоӣ дар асоси муқаррароти моддаи 39 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» вобаста аз ҳолате, ки шахс талаби онро дорад, ҳуҷҷатҳои иловагии зерин пешниҳод карда мешаванд:

- ҳуҷҷати тасдиққунандаи иштирокчӣ ё маъюбӣ амалиёти ҷангӣ дар қаламрави давлатҳои дигар будан;

- ҳуҷҷати тасдиққунандаи иштирокчӣ ё маъюб дар натиҷаи рафъи оқибати садамаи Нерӯгоҳи барқи атомии Чернобил ва минтақаҳои дигари олудагии радиоактивӣ будан;

- ҳуҷҷати тасдиққунандаи маъюбии гурӯҳи I, ки дар натиҷаи иҷрои ӯҳдадориҳои хизмати ҳарбӣ аз рӯи даъват фаро расидааст;

- ҳуҷҷати тасдиққунандаи истиқомати доимӣ дар ноҳияи Мурғоби Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон;

- ҳуҷҷати тасдиққунандаи собиқаи хизмати давлатии на камтар аз 15 сол;

- ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи маъюбии гурӯҳи I ва бекор будан;

- ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи маъюбии гурӯҳи гурӯҳи I ё II аз овони кӯдакӣ ва бекор будан;

- ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи маъюбии гурӯҳи II, ки дар натиҷаи иҷрои ӯҳдадориҳои хизмати ҳарбӣ аз рӯи даъват фаро расидааст ва бекор будан.

14. Барои муқаррар намудани иловапулӣ дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мукофотҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҳуҷҷати тасдиққунандаи сазовор гардидан бо мукофоти давлатӣ пешниҳод карда мешавад.

## 6. ШАКЛИ ҲУҶҶАТҲОЕ, КИ БАРОИ ТАСДИҚИ ИН Ё ОН ҲОЛАТҲО БАРОИ ТАЪИНИ НАФАҚАҲОИ СУҒУРТАВӢ ВА ИҶТИМОӢ БА ИНОБАТ ГИРИФТА МЕШАВАНД

15. Ҳамчун ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият, синну сол, ҷои истиқомат ва мансубияти шаҳрвандии шахсе, ки ба ӯ нафақа таъин мешавад, асли шиноснома пешниҳод карда мешавад.

16. Ҳамчун ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият, синну сол ва мансубияти шаҳрвандии шахсони ноболиғи то синни 16-сола асли шаҳодатнома дар бораи таваллуд, дар бораи ба писархондӣ ё духтархондӣ қабул кардан ва дигар ҳуҷҷатҳое, ки мансубият ба шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро тасдиқ менамоянд, пешниҳод карда мешаванд.

17. Ҳамчун ҳуҷҷати тасдиқкунандаи синну соли саробони фавтида шаҳодатнома дар бораи вафот пешниҳод карда мешавад. Агар дар шаҳодатнома дар бораи вафот синну сол нишон дода нашуда бошад, дар ин маврид нусхаи шиноснома ё маълумотнома аз мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ пешниҳод карда мешавад.

18. Ҳамчун ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият, синну сол, ҷои истиқомат ва мансубияти шаҳрвандии шаҳрванди хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандӣ, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон доимӣ истиқомат мекунанд, иҷозатнома барои истиқомат дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби сохтори минтақавии мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба муҳоҷират дода шудааст, пешниҳод карда мешавад.

19. Ҳамчун ҳуҷҷати тасдиқкунандаи собиқаи корӣ асли дафтарчаи меҳнатӣ, шартномаи меҳнатӣ ё маълумотномаи муассисаи бойгонӣ, ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият дароварда шудаанд, пешниҳод карда мешавад.

20. Ҳамчун ҳуҷҷати тасдиқкунандаи собиқаи кории соҳибкорони инфиродии дар асоси шаҳодатнома ё патент фаъолиятнамуда нусхаи шаҳодатнома ё патент ва маълумотнома дар бораи даромади эъломияшуда ё пардохти саҳмҳои суғуртавӣ, ки дар шакли амалкунанда пур карда шуда, мувофиқи тартиби муқарраргардида аз ҷониби мақомоти ваколатдор оид ба андоз тасдиқ гардидааст, пешниҳод карда мешавад.

21. Ҳамчун ҳуҷҷати тасдиқкунандаи маълумоти олӣ ё миёнаи касбӣ асли диплом, ки аз ҷониби муассисаи таълимии дахлдор бо тартиби муқарраргардида ба расмият дароварда шудааст, пешниҳод карда мешавад.

22. Ҳамчун ҳуҷҷати тасдиқкунандаи ҷойи зисти доимӣ маълумотнома аз ҷои истиқомати (бақайдгирӣ) шахс, ки аз тарафи идораи манзилӣ ё мақомоти худидоракунии шаҳрак ё деҳот дода шудааст, пешниҳод карда мешавад.

23. Ҳамчун ҳуҷҷати тасдиқкунандаи иштирок дар рафъи оқибатҳои садамаи Нерӯгоҳи атомии Чернобил ва дигар минтақаҳои офатҳои радиатсионӣ ва техногенӣ шаҳодатномаи шакли муқарраршуда ё маълумотнома аз комиссариати ҳарбии ҷои истиқомати шаҳрванд пешниҳод карда мешавад.

24. Ҳамчун ҳуҷҷати тасдиққунандаи он ки шаҳрванд дар натиҷаи садамаи Нерӯгоҳи атомии Чернобил ё рафъи оқибати ин садама бемории шӯъи радиатсионӣ ё дигар бемории вобаста ба таъсири радиатсионӣ гирифтааст, инчунин аз натиҷаи ин садама маъюб шудааст, шаҳодатномаи шакли тасдиқшуда барои ин гурӯҳи шаҳрвандон, пешниҳод карда мешавад.

25. Ҳамчун ҳуҷҷати тасдиққунандаи он ки шаҳрванд маъюби натиҷаи осеби ҳарбӣ ба ҳисоб меравад, шаҳодатномаи мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба ташхиси тиббию иҷтимоӣ бо сабти тасдиқи чунин хулоса ба инобат гирифта мешавад.

26. Давраи адои хизмати ҳарбӣ, инчунин дигар хизмати ба он баробар, бо асли билети ҳарбӣ, маълумотномаи комиссариатҳои ҳарбӣ, маълумотномаи ҷузъу томҳои ҳарбӣ, маълумотномаи муассисаҳои бойгонӣ, инчунин сабтҳо дар дафтарчаи меҳнатӣ, ки дар асоси ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи ин давраҳо ворид карда шудаанд, тасдиқ карда мешавад.

27. Ҳамчун ҳуҷҷати тасдиққунандаи муносибатҳои зану шавҳарӣ пешниҳод карда мешавад: асли шаҳодатномаи ақди никоҳ, шаҳодатнома дар бораи бекор кардани ақди никоҳ, нусхаи сабти асноди ақди никоҳи шаҳрвандӣ (барои шаҳрвандони хориҷӣ), маълумотномаи мақомоти ваколатдори давлатҳои хориҷӣ (барои шаҳрвандони хориҷӣ).

28. Ҳамчун ҳуҷҷати тасдиққунандаи иваз намудани ном, насаб, номи падарӣ пешниҳод карда мешавад: шаҳодатнома дар бораи ақди никоҳ (дар ҳолати зан ба насаби шавҳар гузаштан), шаҳодатнома дар бораи иваз кардани ном, насаб ё номи падарӣ, шаҳодатнома дар бораи бекор кардани ақди никоҳ, нусхаи сабти асноди ақди никоҳи шаҳрвандӣ (барои шаҳрвандони хориҷӣ), маълумотномаи мақомоти ваколатдори давлатҳои хориҷӣ (барои шаҳрвандони хориҷӣ).

29. Маъюбии шаҳрвандоне, ки ба синни 18-солагӣ расидаанд, инчунин мӯҳлати маъюбӣ, сана ва сабабҳои муқаррар шудани маъюбӣ ба ин гурӯҳи шаҳрвандон дар асоси шаҳодатномаи мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба ташхиси тиббию иҷтимоӣ тасдиқ карда мешавад.

30. Маъюбии кӯдакони то синни 18-солагӣ, инчунин мӯҳлати маъюбӣ, сана ва сабабҳои муқаррар шудани маъюбӣ ба ин гурӯҳи шаҳрвандон дар асоси хулосаи комиссияҳои машваратӣ-тиббии марказҳои саломатии мақомти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ба инобат гирифта мешавад.

31. Сабабҳои алоқамандии марги собиқ хизматчии ҳарбӣ ба маҷрӯҳӣ, контузия, осеб ё бемории дар давраи адои хизмати ҳарбӣ бардоштани онҳо бо шаҳодатномаи мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба ташхиси тиббию иҷтимоӣ бо сабти чунин хулоса тасдиқ карда мешавад.

32. Ҳамчун ҳуҷҷати тасдиққунандаи воқеияти вафот ва санаи вафоти шаҳрванд шаҳодатнома дар бораи вафот, ки аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ дода шудааст, ба инобат гирифта мешавад.

33. Ҳамчун ҳуҷҷати тасдиққунандаи бе ному нишон гум шудан ё вафоткарда эътироф шудани шаҳрванд қарори Суд ба инобат гирифта мешавад.

34. Ҳамчун ҳуҷҷати тасдиққунандаи ваколатҳои намояндаи қонунии шахсе, ки ба ӯ нафақа таъин карда мешавад, шаҳодатномаи аз ҷониби мақомоти васоят ва парасторӣ додашуда ва дар ҳолати таҳти таъминоти давлат қарор доштани шахс низомнома ё оинномаи муассисаи давлатӣ, ки шахс дар он ҷо истиқомат менамояд, пешниҳод карда мешавад.

35. Ҳамчун ҳуҷҷати тасдиққунандаи муносибатҳои хешовандӣ пешниҳод карда мешавад: шаҳодатнома дар бораи таваллуд, шаҳодатнома дар бораи ба писархондӣ ё духтархондӣ қабул кардан, шаҳодатномаи ақди никоҳ, шаҳодатнома дар бораи бекор кардани ақди никоҳ, нусхаи сабти асноди ақди никоҳи шаҳрвандӣ (барои шаҳрвандони хориҷӣ), маълумотномаи мақомоти ваколатдори давлатҳои хориҷӣ (барои шаҳрвандони хориҷӣ), маълумотномаи сохтори минтақавии мақомти ваколатдори давлатӣ оид ба муҳоҷират ва дар ҳолатҳои зарурӣ қарори суд дар бораи муқаррар намудани чунин ҳолат.

36. Ҳамчун ҳуҷҷати тасдиққунандаи таваллуди кӯдак шаҳодатнома дар бораи таваллуд ва барои тасдиқи тарбияи кӯдак то синни 8-солагӣ маълумотномаи идораи манзилӣ ё

мақомоти худидоракунии шаҳрак ё деҳот ва дар ҳолатҳои зарурӣ қарори суд дар бораи тасдиқи ин ҳолат пешниҳод карда мешавад.

37. Ҳамчун ҳуҷҷати тасдиқкунандаи таҳсили шахси аз синни 18-сола боло дар муассисаи таълимии таҳсилоти олӣ ё миёнаи касбии шакли таҳсилоти рӯзона маълумотномаи ин муассисаҳо ба инобат гирифта мешавад. Чунин маълумотнома бояд дар як сол ду маротиба – ба ҳолати 1 март ва ба ҳолати 1 сентябр пешниҳод карда шаванд.

38. Ҳамчун ҳуҷҷати тасдиқкунандаи он ки падар ё модар, бобо ё бибӣ, бародар, хоҳар ё фарзанди саробони фавтида, ки ба синни 18-солагӣ расидаанд, ба нигоҳубини фарзандон, бародарон, хоҳарон ё наберагони саробони фавтидаи то синни 14-сола машғул буда, кор намекунад, дафтарчаи меҳнатии ӯ, маълумотномаи идораи манзилӣ ё маълумотномаи худидоракунии шаҳрак ё деҳот, ки чунин маълумотро дар бар мегирад, ба инобат гирифта мешавад. Тасдиқи кор накардани шахс дар асоси маълумотномаи мақомоти шуғли аҳолӣ ба инобат гирифта мешавад. Инчунин, дар ҳолати зарурӣ қарори суд оид ба тасдиқи чунин ҳолатҳо ба инобат гирифта мешавад.

39. Даврае, ки пардохти нафақаи нафақагир муваққатан бо хоҳиши худаш боздошта шудааст, бо аризаи шахсии нафақагир, ки дар раёсати (шуъбаи) Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи (шаҳри) ҷойи истиқомати нафақагир ба қайд гирифта шудаас, тасдиқ карда мешавад.

40. Қатъ гардидани пардохти нафақаи шахсоне, ки дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи хизматчиёни ҳарбӣ» нафақа мегирифтанд ва барои таъини нафақа дар асоси шарт ва меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» муроҷиат намуданд, дар асоси маълумотномаи мақомоти қудратие, ки ба ӯ нафақа таъин намуда буд, тасдиқ карда мешавад.

41. Ҳамчун ҳуҷҷати тасдиқкунандаи он ки шаҳрванд бо мукофоти давлатӣ тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мукофотҳои давлатӣ» сарфароз гардонида шудааст, асли шаҳодатномаи мукофоти давлатӣ ба инобат гирифта мешавад.

42. Барои тасдиқи даврахои собиқаи кории то соли 1999, ки конвертатсия карда мешаванд, ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандае, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 августи соли 2015, №551 «Дар бораи Қоидаҳои конвертатсияи (бадалкунии) ҳуқуқҳои нафақавии шахсони суғурташуда ба сармояи шартии нафақавӣ» муқаррар карда шудаанд, пешниҳод карда мешаванд.

43. Шахси барои таъини нафақа муроҷиаткунанда вазифадор аст, ки дар баробари пешниҳоди асли он ҳуҷҷатҳое, ки пешниҳоди аслашон тибқи Номгӯи мазкур пешбинӣ гардидааст, нусхаи онҳоро низ пешниҳод намоянд. Пас аз омӯзиш ва санҷиши мутобиқату саҳеҳияти онҳо асли ин ҳуҷҷатҳо ба муроҷиаткунанда баргардонида мешаванд.

Шакли №1
Бо Фармоиши Директори Агентии суғуртаи
иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон аз
аз 5 феврали соли 2016, №11
тасдиқ гардидааст

Ба раёсати (шуъбаи) Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри (ноҳияи) ____________________________

# АРИЗА

## дар бораи таъини нафақаи суғуртавӣ/иҷтимоӣ аз рӯи синну сол

(зарурияшро хат кашед)

Аз «______»____________ соли 20____

Дар баробари аризаи худ хоҳиш менамоям, ки ба ман дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии низоми таъминоти нафақа, нафақаи суғуртавӣ/иҷтимоӣ аз рӯи синну сол аз рӯи шартҳои зерин таъин намоед:

☐ аз рӯи шартҳои умумӣ ☐ бо истифодаи имтиёзҳо

Тасдиқ менамоям, ки ба ман дар асоси дигар шартҳо ва ё аз ҷониби дигар мақомот ба ҳолати рӯзи муроҷиатам нафақа таъин карда нашудааст.

**Ба ман маълум карда шуд, ки:**

- мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дурустӣ ва саҳеҳияти ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаам ҷавобгар мебошам;
- дар сурати ба вуҷуд омадани ҳолатҳое, ки ба андозаи нафақа таъсир мерасонад ё боиси қатъ гардидани пардохти он мегардад, мақомоти ваколатдор оид ба таъмини нафақаро огоҳ намоям;
- дар ҳолатҳои пайдо намудани ҳуқуқ ба якчанд намуди нафақа ман ҳуқуқ дорам, ки бо хоҳиши худам як намуди онро интихоб намоям.

Дар бораи худам чунин маълумот медиҳам:

РМС ______________________________________________

(насаб, ном, номи падар )

Ҷинс ☐ мард
☐ зан
Санаи таваллуд

Шиноснома Силсила, рақам _____________ Санаи додан ____________________________

Аз тарафи кӣ дода шудааст______________________________________________

## ҶОИ ИСТИҚОМАТ

Вилоят ________________________ Шаҳр ____________________________________

Ноҳия ________________________ Деҳа ____________________________________

Кӯча ___________________________________________ хонаи №___ ҳуҷраи № _____

Маълумоти иловагие, ки барои муқаррар намудани иловапулӣ ба нафақа ҳуқуқ медиҳанд

☐ **дорам** ☐ **надорам**

| **Асос** | **Давра** | | **Намуди ҳуҷҷат** | **№ ҳуҷҷат** | **Санаи додан** | **Аз тарафи кӣ дода шудааст** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | **аз** | **то** | | | | |
| | | | | | | |
| | | | | | | |
| | | | | | | |
| | | | | | | |
| | | | | | | |

Ба аризаам ҳуҷҷатҳои зеринро замима менамоям:

| № | **Номгӯи ҳуҷҷатҳо** | **Асл ё нусха** |
|---|---|---|
| 1. | | |
| 2. | | |
| 3. | | |
| 4. | | |
| 5. | | |
| 6. | | |
| 7. | | |
| 8. | | |
| 9. | | |
| 10. | | |

Бо ҳуқуқҳои худ, тартиб ва мӯҳлатҳои таъини нафақаҳои суғуртавӣ/иҷтимоӣ аз рӯи синну сол дар давраи истиқомати доимӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шинос шудам.

"_____" _______ соли 20___ ____________________
(имзои шахсӣ)

--------------------------------------------------------------------------------

Ин қисмати ариза аз ҷониби мутахассиси раёсати (шуъбаи) Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳр (ноҳия) пур карда мешавад

Санҷиши дурустии ҳуҷҷатҳои пешниҳодшударо гузаронид:

______________________________ ______________________
(насаб, ном, номи падари мутахассиси қабулкунанда) (имзо)

Сардори Раёсати (шуъбаи) Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳр (ноҳия)______________________ ______________________
(насаб, ном, номи падари корманд) (имзо)

Ҷ.М.

Рамзи Раёсат (шуъба)

--------------------------------------------------------------------------------

(хати бурриш)

**ДАСТХАТ ДАР БОРАИ БАҚАЙДГИРИИ АРИЗА**

Ариза қабул гардид аз ________________________________________________
(насаб, ном ва номи падари шахси муроҷиаткунанда)

ва дар китоби қайди аризаҳо дар бораи таъини нафақаҳо аз «____» __________соли 20___ таҳти № ______ сабт гардид.

Қайдро гузаронид: ______________________________ ______________________
(насаб, ном, номи падари мутахассиси масъул ) (имзо)

Ҷ.М.

--------------------------------------------------------------------------------

Шакли №2
Бо Фармоиши Директори Агентии суғуртаи
иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон аз
аз 5 феврали соли 2016, №11
тасдиқ гардидааст

Ба раёсати (шуъбаи) Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри (ноҳияи) ____________________________

# АРИЗА
## дар бораи таъини нафақаи суғуртавӣ/иҷтимоӣ аз рӯи маъюбӣ

(зарурияшро хат кашед)

Аз «______»____________ соли 20____

Дар баробари аризаи худ хоҳиш менамоям, ки ба ман дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии низоми таъминоти нафақа, нафақаи суғуртавӣ/иҷтимоӣ аз рӯи маъюбӣ таъин намоед.

Тасдиқ менамоям, ки ба ман дар асоси дигар шартҳо ва ё аз ҷониби дигар мақомот ба ҳолати рӯзи муроҷиатам нафақа таъин карда нашудааст.

**Ба ман маълум карда шуд, ки:**

- мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дурустӣ ва саҳеҳияти ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаам ҷавобгар мебошам;
- дар сурати ба вуҷуд омадани ҳолатҳое, ки ба андозаи нафақа таъсир мерасонад ё боиси қатъ гардидани пардохти он мегардад, мақомоти ваколатдор оид ба таъмини нафақаро огоҳ намоям;
- дар ҳолатҳои пайдо намудани ҳуқуқ ба якчанд намуди нафақа ман ҳуқуқ дорам, ки бо хоҳиши худам як намуди онро интихоб намоям.

Дар бораи худам чунин маълумот медиҳам:

РМС ____________________________________________
(насаб, ном, номи падар )

Ҷинс ☐ мард
☐ зан
Санаи таваллуд

Шиноснома Силсила, рақам _____________ Санаи додан ____________________________

Аз тарафи кӣ дода шудааст______________________________________________

## ҶОИ ИСТИҚОМАТ

Вилоят ________________________ Шаҳр ____________________________________
Ноҳия ________________________ Деҳа ____________________________________
Кӯча ____________________________________________ хонаи №___ ҳуҷраи № ____

Маълумоти иловагие, ки барои муқаррар намудани иловапулӣ ба нафақа ҳуқуқ медиҳанд

☐ **дорам** ☐ **надорам**

| Асос | Давра | | Намуди ҳуҷҷат | № ҳуҷҷат | Санаи додан | Аз тарафи кӣ дода шудааст |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | аз | то | | | | |
| | | | | | | |
| | | | | | | |
| | | | | | | |
| | | | | | | |
| | | | | | | |
| | | | | | | |

Ба аризаам ҳуҷҷатҳои зеринро замима менамоям:

| № | Номгӯи ҳуҷҷатҳо | Асл ё нусха |
|---|---|---|
| 1. | | |
| 2. | | |
| 3. | | |
| 4. | | |
| 5. | | |
| 6. | | |
| 7. | | |
| 8. | | |
| 9. | | |
| 10. | | |

Бо ҳуқуқҳои худ, тартиб ва муҳлатҳои таъини нафақаҳои суғуртавӣ/иҷтимоӣ аз рӯи маъюбӣ дар давраи истиқомати доимӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шинос шудам.

"_____" ______ соли 20___ ____________________
(имзои шахсӣ)

---

Ин қисмати ариза аз ҷониби мутахассиси раёсати (шуъбаи) Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳр (ноҳия) пур карда мешавад

Санҷиши дурустии ҳуҷҷатҳои пешниҳодшударо гузаронид:

________________________________ ________________________
(насаб, ном, номи падари мутахассиси қабулкунанда) (имзо)

Сардори Раёсати (шуъбаи) Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳр (ноҳия)____________________ ____________________
(насаб, ном, номи падари корманд) (имзо)

Ҷ.М.

Рамзи Раёсат (шуъба)

---

(хати буриш)

**ДАСТХАТ ДАР БОРАИ БАҚАЙДГИРИИ АРИЗА**

Ариза қабул гардид аз ____________________________________________
(насаб, ном ва номи падари шахси муроҷиаткунанда)
ва дар китоби қайди аризаҳо дар бораи таъини нафақаҳо аз «____» __________соли 20___ таҳти № ______ сабт гардид.
Қайдро гузаронид: __________________________ ______________________
(насаб, ном, номи падари мутахассиси масъул ) (имзо)

Ҷ.М.

---

Шакли №3

Бо Фармоиши Директори Агентии суғуртаи
иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон аз
аз 5 феврали соли 2016, №11
тасдиқ гардидааст

Ба раёсати (шуъбаи) Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри (ноҳияи) ___________________________

# АРИЗА
## дар бораи таъини нафақаи суғуртавӣ/иҷтимоӣ аз рӯи маҳрум шудан аз саробон
(зарурияшро хат кашед)

Аз «______»____________ соли 20____

Дар баробари аризаи худ хоҳиш менамоям, ки ба ман дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии низоми таъминоти нафақа, бинобар сабаби вафоти саробон, нафақаи суғуртавӣ/иҷтимоӣ аз рӯи маҳрум шудан аз саробон таъин намоед.

Нафақа барои аъзои ғайри қобили меҳнатӣ оила дар шакли зерин таъин карда шавад:

 дар як асноди нафақавӣ барои ҳамаи аъзои оила  ба ҳар як аъзои оила аз рӯи ҳиссае, ки ҳуқуқ дорад, дар асноди алоҳида

Тасдиқ менамоям, ки ба ман дар асоси дигар шартҳо ва ё аз ҷониби дигар мақомот ба ҳолати рӯзи муроҷиатам нафақа таъин карда нашудааст. Айни замон кор мекунам/намекунам.
(зарурашро хат кашед)

**Ба ман маълум карда шуд, ки:**

- мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дурустӣ ва саҳеҳияти ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаам ҷавобгар мебошам;
- дар сурати ба вуҷуд омадани ҳолатҳое, ки ба андозаи нафақа таъсир мерасонад ё боиси қатъ гардидани пардохти он мегардад, мақомоти ваколатдор оид ба таъмини нафақаро огоҳ намоям;
- барои аъзои оила, ки дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ (шакли рӯзонаи таҳсил) таҳсил менамоянд ва ба онҳо нафақаи суғуртавӣ/иҷтимоӣ аз рӯи маҳрум шудан аз саробон таъин карда шудааст, барои тасдиқи таҳсил дар чунин муассисаҳо дар як сол ду маротиба - ба ҳолати 1 сентябр ва 1 март аз муассисаи таълимӣ маълумотнома пешниҳод намоям;
- дар ҳолатҳои пайдо намудани ҳуқуқ ба якчанд намуди нафақа ман ҳуқуқ дорам, ки бо хоҳиши худам як намуди онро интихоб намоям.

Дар бораи худам чунин маълумот медиҳам:

РИС ________________________________________
(насаб, ном, номи падар )

Ҷинс  мард
 зан
Санаи таваллуд

Шиноснома Силсила, рақам ____________ Санаи додан _________________

Аз тарафи кӣ дода шудааст________________________________________

## ҶОИ ИСТИҚОМАТ

Вилоят ____________________ Шаҳр ________________________________
Ноҳия ____________________ Деҳа ________________________________
Кӯча ________________________________________ хонаи №___ ҳуҷраи № _____

РМС ва ______________________________________________

(насаб, ном, номи падари саробони фавтида)

Муносибати хешовандии ман бо саробони фавтида:

□ Писар/духтар (фарзандхонд) □ Ҳамсар □ Падар/модар (падархонд, модархонд)

□ Бародар/хоҳар □ Бобо/бибӣ □ Набера

Ба аризаам ҳуҷҷатҳои зеринро замима менамоям:

| № | Номгӯи ҳуҷҷатҳо | Асл ё нусха |
|---|---|---|
| 1. | | |
| 2. | | |
| 3. | | |
| 4. | | |
| 5. | | |

Маълумоти иловагие, ки барои муқаррар намудани иловапулӣ ба нафақа ҳуқуқ медиҳанд

□ **дорам** □ **надорам**

| Асос | Давра | | Намуди ҳуҷҷат | № ҳуҷҷат | Санаи додан | Аз тарафи кӣ дода шудааст |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | аз | то | | | | |
| | | | | | | |
| | | | | | | |
| | | | | | | |
| | | | | | | |

Бо ҳуқуқҳои худ, тартиб ва мӯҳлатҳои таъини нафақаи суғуртавӣ/иҷтимоӣ аз рӯи маҳрум шудан аз саробон дар давраи истиқомат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шинос шудам.

"____" _________ 20___ с. ______________________

(имзои шахсӣ)

---

Ин қисмати ариза аз ҷониби мутахассиси раёсати (шуъбаи) Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳр (ноҳия) пур карда мешавад

Санҷиши дурустии ҳуҷҷатҳои пешниҳодшударо гузаронид:

______________________________ ______________________________

(насаб, ном, номи падари мутахассиси қабулкунанда) (имзо)

Сардори Раёсати (шуъбаи) Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳр (ноҳия)______________________ ______________________

(насаб, ном, номи падари корманд) (имзо)

Ҷ.М.

Рамзи Раёсат (шуъба)

---

(хати бурриш)

**ДАСТХАТ ДАР БОРАИ БАҚАЙДГИРИИ АРИЗА**

Ариза қабул гардид аз ____________________________________________

(насаб, ном ва номи падари шахси мурочиаткунанда)

ва дар китоби қайди аризаҳо дар бораи таъини нафақаҳо аз «____» __________соли 20___ таҳти № ______ сабт гардид.

Қайдро гузаронид: ______________________________ __________________________

(насаб, ном, номи падари мутахассиси масъул ) (имзо)

Ҷ.М.

---

Шакли №4
Бо Фармоиши Директори Агентии суғуртаи
иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон аз
аз 5 феврали соли 2016, №11
тасдиқ гардидааст

Ба раёсати (шуъбаи) Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри (ноҳияи) ______________

# АРИЗА
## дар бораи бозҳисобии нафақаи суғуртавӣ/иҷтимоӣ

(заруриашро хат кашед)

Аз «______»____________ соли 20____

Дар баробари аризаи худ хоҳиш менамоям, ки мутобиқи моддаи 43 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии низоми таъминоти нафақа, нафақаи манро бинобар сабаби:

 тағйир ёфтани гурӯҳи маъюбӣ;

 тағйир ёфтани аъзои ғайри қобили меҳнати оила, ки нафақа аз рӯи маҳрум шудан аз саробон мегиранд;

 на кам аз 24 моҳ фаъолияти меҳнатӣ намудан пас аз таъини нафақа;

 ба фаъолияти меҳнатӣ шурӯъ намудан;

 пайдо намудани ҳуқуқ ба иловапулӣ ба нафақа;

 ____________________________________________,

бозҳисобӣ намоед.

**Ба ман маълум карда шуд, ки:**

- мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дурустӣ ва саҳеҳияти ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаам ҷавобгар мебошам;

- дар сурати ба вуҷуд омадани ҳолатҳое, ки ба андозаи нафақаи бозҳисобишуда таъсир мерасонад ё боиси қатъ гардидани пардохти нафақа мегардад, мақомоти ваколатдор оид ба таъмини нафақаро огоҳ намоям;

- барои аъзои оила, ки дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ (шакли рӯзонаи таҳсил) таҳсил менамоянд ва ба онҳо нафақаи суғуртавӣ/иҷтимоӣ барои маҳрум шудан аз саробон таъин карда шудааст, барои тасдиқи таҳсил дар чунин муассисаҳо дар як сол ду маротиба - ба ҳолати 1 сентябр ва 1 март аз муассисаи таълимӣ маълумотнома пешниҳод намоям;

- дар ҳолатҳои пайдо намудани ҳуқуқ ба якчанд намуди нафақа ман ҳуқуқ дорам, ки бо хоҳиши худам як намуди онро интихоб намоям.

Дар бораи худам чунин маълумот медиҳам:

РИС ________________________________________

(насаб, ном, номи падар )

Ҷинс  мард
 зан

Санаи таваллуд

Шиноснома Силсила, рақам ______________ Санаи додан ____________________________

Аз тарафи кӣ дода шудааст______________________________________________

**ҶОИ ИСТИҚОМАТ**

Вилоят ______________________ Шаҳр ________________________________

Ноҳия ______________________ Деҳа ________________________________

Кӯча ________________________________________ хонаи №___ ҳуҷраи № _____

Айни замон кор мекунам/намекунам.

(заруриашро хат кашед)

Маълумот дар бораи нафақаи таъингардида.

1. Рақами асноди нафақавӣ ______________________
2. Намуди нафақа  нафақаи суғуртавӣ  нафақаи иҷтимоӣ  аз рӯи синну сол  аз рӯи маъюбӣ  аз рӯи махрум шудан аз саробон

Ба аризаам ҳуҷҷатҳои зеринро, ки барои бозҳисобии андозаи нафақа асос мешаванд, замима менамоям:

| № | Номгӯи ҳуҷҷатҳо | Асл ё нусха |
|---|---|---|
| 1. | | |
| 2. | | |
| 3. | | |
| 4. | | |
| 5. | | |

Бо ҳуқуқҳои худ, тартиб ва мухлатҳои бозҳисобии нафақаҳои суғуртавӣ/иҷтимоӣ дар давраи истиқомати доимӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, шинос шудам.

"_____"_______соли 20___ ________________________

(имзои шахсӣ)

---

Ин қисмати ариза аз ҷониби мутахассиси раёсати (шуъбаи) Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳия (шаҳр) пур карда мешавад

Санҷиши дурустии ҳуҷҷатҳои пешниҳодшударо гузаронид:

____________________________________ ____________________________

(насаб, ном, номи падари мутахассиси қабулкунанда) (имзо)

Сардори Раёсати (шуъбаи) Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳр (ноҳия)____________________ ____________________

(насаб, ном, номи падари корманд) (имзо)

Ҷ.М.

Рамзи Раёсат (шуъба)

---

(хати буриш)

**ДАСТХАТ ДАР БОРАИ БАҚАЙДГИРИИ АРИЗА**

Ариза қабул гардид аз ______________________________________________

(насаб, ном ва номи падари шахси муроҷиаткунанда)

ва дар китоби қайди аризаҳо дар бораи бозҳисобии нафақаҳои суғуртавӣ/иҷтимоӣ аз «____» __________соли 20___ тахти № ______ сабт гардид.

Қайдро гузаронид: ______________________________ ________________________

(насаб, ном, номи падари мутахассиси масъул ) (имзо)

Ҷ.М.

---

Шакли №5
Бо Фармоиши Директори Агентии суғуртаи
иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон аз
аз 5 феврали соли 2016, №11
тасдиқ гардидааст

Ба раёсати (шуъбаи) Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри (ноҳияи) ______________

# АРИЗА
## дар бораи аз як намуди нафақа ба намуди дигари он гузаронидан

Аз «_____»___________ соли 20____

Дар баробари аризаи худ хоҳиш менамоям, ки дар асоси моддаи 43 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии низоми таъминоти нафақа, нафақаи манро ба намуди нафақа зерин гузаронед:

 аз нафақаи суғуртавӣ аз рӯи ____________ ба нафақаи суғуртавӣ аз рӯи _________
 аз нафақаи иҷтимоӣ аз рӯи ____________ ба нафақаи иҷтимоӣ аз рӯи _________

Асос барои гузаштан ба дигар намуди нафақа: ________________________________
________________________________________________________________________

**Ба ман маълум карда шуд, ки:**

- мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дурустӣ ва саҳеҳияти ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаам ҷавобгар мебошам;
- дар сурати ба вуҷуд омадани ҳолатҳое, ки ба андозаи нафақаи таъингардида таъсир мерасонад ё боиси қатъ гардидани пардохти он мегардад, мақомоти ваколатдор оид ба таъмини нафақаро огоҳ намоям;
- барои аъзои оила, ки дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ (шакли рӯзонаи таҳсил) таҳсил менамоянд ва ба онҳо нафақаи суғуртавӣ барои маҳрум шудан аз саробон таъин карда шудааст, барои тасдиқи таҳсил дар чунин муассисаҳо дар як сол ду маротиба - ба ҳолати 1 сентябр ва 1 март аз муассисаи таълимӣ маълумотнома пешниҳод намоям;
- дар ҳолатҳои пайдо намудани ҳуқуқ ба якчанд намуди нафақа ман ҳуқуқ дорам, ки бо хоҳиши худам як намуди онро интихоб намоям.

Дар бораи худам чунин маълумот медиҳам:

РМС ________________________________________
(насаб, ном, номи падар )

Ҷинс  мард
 зан
Санаи таваллуд

Шиноснома Силсила, рақам _______________ Санаи додан _______________________

Аз тарафи кӣ дода шудааст_______________________________________________

## ҶОИ ИСТИҚОМАТ

Вилоят ________________________ Шаҳр ______________________________________
Ноҳия _________________________ Деҳа ______________________________________
Кӯча ______________________________________________ хонаи №___ ҳуҷраи № _____

Айни замон кор мекунам/намекунам.
(заруриашро хат кашед)

Маълумот дар бораи нафақаи таъингардида.

3. Рақами асноди нафақавӣ _____________________________
4. Намуди нафақа  нафақаи суғуртавӣ  нафақаи иҷтимоӣ
 аз рӯи синну сол  аз рӯи маъюбӣ  аз рӯи маҳрум шудан аз саробон

Ба аризаам ҳуҷҷатҳои зеринро, ки барои гузаштан ба дигар намуди нафақа асос мешаванд, замима менамоям:

| № | Номгӯи ҳуҷҷатҳо | Асл ё нусха |
|---|---|---|
| 1. | | |
| 2. | | |
| 3. | | |
| 4. | | |
| 5. | | |

Бо ҳуқуқҳои худ, тартиб ва мӯҳлатҳои таъину пардохти нафақаҳои суғуртавӣ/иҷтимоӣ дар давраи истиқомати доимӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, шинос шудам.

"_____"_______соли 20___ ______________________
(имзои шахсӣ)

--------------------------------------------------------------------------------

Ин қисмати ариза аз ҷониби мутахассиси раёсати (шуъбаи) Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳр (ноҳия) пур карда мешавад

Санҷиши дурустии ҳуҷҷатҳои пешниҳодшударо гузаронид:

_________________________________________ ________________________________
(насаб, ном, номи падари мутахассиси қабулкунанда) (имзо)

Сардори Раёсати (шуъбаи) Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳр (ноҳия)______________________ ______________________
(насаб, ном, номи падари корманд) (имзо)

Ҷ.М.

Рамзи Раёсат (шуъба)

--------------------------------------------------------------------------------

(хати буриш)

**ДАСТХАТ ДАР БОРАИ БАҚАЙДГИРИИ АРИЗА**

Ариза қабул гардид аз ______________________________________________
(насаб, ном ва номи падари шахси муроҷиаткунанда)

ва дар китоби қайди аризаҳо дар бораи бозҳисобии нафақаҳои суғуртавӣ/иҷтимоӣ аз «____» __________соли 20___ таҳти № ______ сабт гардид.

Қайдро гузаронид: ________________________________ ___________________________
(насаб, ном, номи падари мутахассиси масъул ) (имзо)

Ҷ.М. --------------------------------------------------------------------------------

Шакли №6
Бо Фармоиши Директори Агентии суғуртаи
иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон аз
аз 5 феврали соли 2016, №11
тасдиқ гардидааст

Ба раёсати (шуъбаи) Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри (ноҳияи) ______________

# АРИЗА
## дар бораи мавқуф гузоштани муроҷиат барои таъини нафақаи суғуртавӣ аз рӯи синну сол

Аз «______»____________ соли 20____

Дар баробари аризаи худ хоҳиш менамоям, ки дар асоси моддаи 24 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии низоми таъминоти нафақа, бинобар идома додани фаъолияти меҳнатӣ муроҷиати ман барои таъини нафақаи суғуртавӣ аз рӯи синну сол мавқуф гузошта шавад.

Ман бо асосҳои зерин ба нафақаи суғуртавӣ аз рӯи синну сол ҳуқуқ пайдо намудаам:

☐ аз рӯи шартҳои умумӣ ☐ бо истифодаи имтиёзҳо

Тасдиқ менамоям, ки ба ман дар асоси дигар шартҳо ва ё аз ҷониби дигар мақомот ба ҳолати рӯзи муроҷиатам нафақа таъин карда нашудааст.

Дар бораи худам чунин маълумот медиҳам:

РМС ____________________________________________
(насаб, ном, номи падар )

Ҷинс ☐ мард ☐ зан Санаи таваллуд

Шиноснома Силсила, рақам ________________ Санаи додан ________________________

Аз тарафи кӣ дода шудааст______________________________________________

## ҶОИ ИСТИҚОМАТ

Вилоят _______________________ Шаҳр ____________________________________

Ноҳия ________________________ Деҳа ____________________________________

Кӯча __________________________________________ хонаи №___ ҳуҷраи № _____

Бо ҳуқуқҳои худ дар бораи тартиби мавқуф гузоштани муроҷиат барои таъини нафақа дар давраи истиқомати доимӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шинос шудам.

"_____"_______ соли 20___ ____________________
(имзои шахсӣ)

---

Ин қисмати ариза аз ҷониби мутахассиси раёсати (шуъбаи) Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳр (ноҳия) пур карда мешавад

Санҷиши дурустии ҳуҷҷатҳои пешниҳодшударо гузаронид:

__________________________________________ ______________________________
(насаб, ном, номи падари мутахассиси қабулкунанда) (имзо)

Сардори Раёсати (шуъбаи) Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳр (ноҳия)________________________ ______________________
(насаб, ном, номи падари корманд) (имзо)

Ҷ.М.

Рамзи Раёсат (шуъба)

---

(хати буриш)

**ДАСТХАТ ДАР БОРАИ БАҚАЙДГИРИИ АРИЗА**

Ариза қабул гардид аз ____________________________________________
(насаб, ном ва номи падари шахси муроҷиаткунанда)
ва дар китоби қайди аризаҳо дар бораи мавқуф гузоштани муроҷиат барои таъини нафақаи суғуртавӣ аз рӯи синну сол аз «____» __________соли 20___ таҳти № ______ сабт гардид.

Қайдро гузаронид: __________________________________ ___________________________
(насаб, ном, номи падари мутахассиси масъул ) (имзо)

Ҷ.М.

---

Шакли №7
Бо Фармоиши Директори Агентии суғуртаи
иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон аз
аз 5 феврали соли 2016, №11
тасдиқ гардидааст

Ба раёсати (шуъбаи) Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри (ноҳияи) ______________

# АРИЗА
## дар бораи пардохт намудани нафақаи суғуртавӣ/иҷтимоӣ
(заруриашро хат кашед)
## дар асоси ваколатнома

Аз «______»____________ соли 20____

Дар баробари аризаи худ хоҳиш менамоям, ки дар асоси муқаррароти қисми 7 моддаи 48 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии низоми таъминоти нафақа, пардохти нафақаи манро бинобар сабаби ______________________________________________
(сабаб пурра нишон дода шавад)
дар асоси ваколатнома амалӣ намоед.

Ба ман маълум аст, ки пардохти нафақа дар асоси ваколатнома дар мӯҳлати на зиёда аз 6 моҳ амалӣ карда мешавад.

Дар бораи худам чунин маълумот медиҳам:

РМС ______________________________________________
(насаб, ном, номи падар )

Ҷинс ☐ мард ☐ зан Санаи таваллуд

Шиноснома Силсила, рақам ________________ Санаи додан ________________________

Аз тарафи кӣ дода шудааст______________________________________________

### ҶОИ ИСТИҚОМАТ

Вилоят ______________________ Шаҳр ____________________________________

Ноҳия ________________________ Деҳа ____________________________________

Кӯча ____________________________________________ хонаи №___ ҳуҷраи № _____

Маълумот дар бораи шахси ваколатдодашуда.

РИС ______________________________________________
(насаб, ном, номи падар )

Ҷинс ☐ мард ☐ зан Санаи таваллуд

Шиноснома Силсила, рақам ________________ Санаи додан ______________________

Аз тарафи кӣ дода шудааст__________________________________________

**ҶОИ ИСТИҚОМАТ**

Вилоят ____________________ Шаҳр _________________________________

Ноҳия _____________________ Деҳа _________________________________

Кӯча ________________________________________ хонаи №___ ҳуҷраи № _____

Ба аризаам ҳуҷҷати зеринро, ки барои пардохти нафақа ба шахси дигар асос мешавад, замима менамоям:

| № | Номгӯи ҳуҷҷатҳо | Асл ё нусха |
|---|---|---|
| 1. | | |
| 2. | | |

Бо ҳуқуқҳои худ дар бораи тартиби пардохти нафақа дар асоси ваколатнома дар давраи истиқомати доимӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шинос шудам.

---

Ин қисмати ариза аз ҷониби мутахассиси раёсати (шуъбаи) Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳр (ноҳия) пур карда мешавад

Санҷиши дурустии ҳуҷҷатҳои пешниҳодшударо гузаронид:

______________________________ ______________________

(насаб, ном, номи падари мутахассиси қабулкунанда) (имзо)

Сардори Раёсати (шуъбаи) Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳр (ноҳия)____________________ ____________________

(насаб, ном, номи падари корманд) (имзо)

Ҷ.М.

Рамзи Раёсат (шуъба)

---

(хати буриш)

**ДАСТХАТ ДАР БОРАИ БАҚАЙДГИРИИ АРИЗА**

Ариза қабул гардид аз

_____________________________________________________

(насаб, ном ва номи падари шахси муроҷиаткунанда)

ва дар китоби қайди аризаҳо дар бораи пардохти нафақаҳо дар асоси ваколатнома аз «____» __________соли 20___ таҳти № ______ сабт гардид.

Қайдро гузаронид: ______________________________ ________________________

(насаб, ном, номи падари мутахассиси масъул ) (имзо)

Ҷ.М.

---

Шакли №8
Бо Фармоиши Директори Агентии суғуртаи ичтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз аз 5 феврали соли 2016, №11 тасдиқ гардидааст

Ба раёсати (шуъбаи) Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри (ноҳияи) ______________

## Ариза
## дар бораи аз нав барқарор намудани пардохти нафақаи суғуртавӣ/иҷтимоӣ

(заруриашро хат кашед)

Аз «______»____________ соли 20____

